# Афсонаҳои халқҳои ҷаҳон



# Афсонаҳои халқҳои ҷаҳон

Душанбе
«Маориф ва фарҳанг»
2005

ББК 82. 33+82. 3 (0)
Қ-90

Қ-90 - Ғафуров Қ. **Афсонаҳои халқҳои ҷаҳон - Душанбе**, «Маориф ва фарҳанг», 2005 - 64 саҳ.

Дар ин маҷмӯа афсонаҳои бисёр халқҳои ҷаҳон гирд оварда шудаанд. Шумо дар ин китоб бо шиносони деринаи худ ва ҳамчунин, ба қаҳрамонони нав дучор меоед, ки онҳо барои бахту саодати худ бо шуҷоату ҷасорат мубориза мебаранд.

Бигузор, қаҳрамонони ин афсонаҳо дӯст доштани Ватан, рӯҳияи ифтихор аз Меҳанро ба шумо омӯзанд.

Мураттиб ва мутарҷим Қ. Ғафуров
Муҳаррир Х. Норматова
Муҳаррири техникӣ А. Камолов
Рассом С. Имоддинова
Тарроҳ ва ороишгар Р. Галимов
Ҳуруфчин З. Ҷӯраева

Ба чопаш 17.10.05 имзо шуд. Андозаи 60х84 1/8. Қоғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Гарнитураи адабӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 8. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши № 14.

Муассисаи нашриявии "Маориф ва фарҳанг"-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, к. Н. Қаробоев, 17.
Тел: 33-93-97, тел/факс:33-93-97. E-mail: najmiddin64@mail.ru

Қ $\frac{4702010105 - 22}{504\ (12) - 2005}$ 2005

ISBN – 5 – 670 – 00100 – 1

© «Маориф ва фарҳанг», 2005

## Пешгуфтор

Ҳар як миллат ба хазинаи тамаддуну фарҳанги ҷаҳонӣ ҳиссаи нотакрори худро мегузорад.

Асосу бунёди фарҳанги миллии ҳар як халқ эҷодиёти даҳонии он мебошад. Эҷодиёти даҳонии халқ асарҳое мебошанд, ки мардум дар давоми таърихи чандсараи худ эҷод кардааст. Дар байни ин асарҳои мардумӣ афсона мақоми муҳим дорад.

Афсона эҷоди бадеии мардумӣ буда, дар замонҳои хеле қадим, пеш аз адабиёти хаттӣ ба вуҷуд омадааст ва дар он таърих, ҷаҳонбинӣ, ақлу хирад, тафаккур, орзую омол ва хусусиятҳои рӯзгору ҳаёти маишии халқ инъикос ёфтааст.

Асоси афсонаҳоро воқеаҳои бофтаю хаёлӣ ташкил медиҳад, вале мазмуну ғояи онҳо бо ҳаёти воқеӣ алоқаманд мебошад.

"Афсона дурӯғ аст, вале ҳикмате дорад" — гуфтаанд бузургон. Маҳз ба хотири ҳамин ҳикматашон афсонаҳо дар ҳеҷ давру замон аҳамият ва арзиши худро гум намекунанд ва дар тӯли асрҳо аз насл ба насл гузашта, боз ҳам такмил меёбанд.

Афсона аҳамияти муҳимми маърифатӣ дошта, дар ҳар давру замон аз онҳо на танҳо хурдсолону ҷавонон, балки ҳар як фарди ҷомеа метавонад баҳра барад.

Ҳар афсона сарфи назар аз он ки моли кадом халқ аст, ба дунёи зулму истибдод, истисмор ва бадию зиштӣ дунёеро муқобил мегузорад, ки дар он некӣ, ростӣ, адолат, баробарҳуқуқӣ, озодӣ пирӯз аст. Дар ин дунёи афсона одамони нек, заҳматпеша, ростқавлу поквиҷдон, ҷасуру далер, оқилу доно ҳаёт ба сар мебаранд, ки ҳар яке ташвишу изтироб, шодию нишот, орзую омоли худро дорад.

Беҳуда нест, ки бисёр шоиру нависандагони бузурги дунё ба афсона рӯ овардаанд ва дар асоси он беҳтарин шоҳасарҳои худро офаридаанд.

Дар ин маҷмӯа афсонаҳои бисёр халқҳои ҷаҳон гирд оварда шудаанд. Ҷаҳони афсонаи ҳар миллат беҳадду канор буда, дар як китоб ҷамъ овардани ҳамаи онҳо аз имкон берун аст. Бинобар ин, дар ин китоб фақат қатрае аз баҳри беканори афсонаҳои халқҳои ҷаҳон ҷамъоварӣ ва тарҷума шудаанд, ки онҳо хусусиятҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, маишӣ ва этнографии халқҳои гуногуни ҷаҳонро инъикос менамоянд.

Шумо дар ин китоб бо шиносони деринаи худ ва ҳамчунин, ба қаҳрамонони нав дучор меоед, ки онҳо барои бахту саодати худ бо шуҷоату ҷасорат мубориза мебаранд, деву шайтону иблисонро мағлуб месозанд, ҳамеша дар фикри Ватани хеш мебошанд, онро беш аз ҳама дӯст медоранду як каф хок, як дона санги диёри азизашонро аз сарвату молу мулки бегона авлотар медонанд.

Умедворам, афсонаҳое, ки шумо, бачаҳои азиз, дар ин китоб мехонед, шуморо водор месозад, ки дар бораи маъною ҳадафи зиндагӣ, сарватҳои маънавӣ ва ахлоқии миллӣ фикр кунед, некро аз бад ҷудо намоед, боадлу инсоф, ғамхору меҳрубон, ҷасуру далер бошед.

Бигузор, қаҳрамонони ин афсонаҳо дӯст доштани Ватан, рӯҳияи ифтихор аз Меҳанро ба шумо омӯзанд.

Ҳар кадоми шумо ҳам мисли қаҳрамонони ин афсонаҳо ба орзуҳои ширину мақсадҳои неки худ бирасед!

# Хиради шоҳ Сулаймон

Замоне ки шоҳи хирадманд Сулаймон пир шуд, фаришта ба наздаш омаду гуфт:

— Шоҳо, ин оби ҳаётро бигир. Қатрае аз он бинӯш ва ту умри ҷовидон хоҳӣ ёфт.

Вале шоҳ Сулаймон бохирад ва мулоҳизакор буд. Фармуд, се нафар роҳгузарро, ки аз назди қасраш мегузаштанд, пешаш оранд. Ба зудӣ ҷанговар, тоҷир ва деҳқонро овsecuritiesанд.

Сулаймон аз ҷанговар пурсид:

— Бигӯ, ки ман агар оби ҳаётро бинӯшам ва умри ҷовидон ёбам, оё хушбахт мешавам?

Ҷанговар ҷавоб дод:

— Бале, хушбахт мешавӣ. Ҳазорҳо сол зинда мемонӣ ва фурсат меёбӣ, ки тамоми дунёро фатҳ бикунӣ. Магар мардуми тамоми ҷаҳонро тобеъ кардан хушбахтӣ нест?

Он вақт шоҳ аз тоҷири сарватманд пурсид:

— Бигӯ, ки ман агар оби ҳаётро бинӯшам, хушбахт мешавам?

Тоҷир ҷавоб дод:

— Бале, мешавӣ. Ту чанд ҳазор сол зиндагӣ мекунӣ ва ҳар сол сарвати ту афзунтар мешавад, магар аз ҳар сол бар сарвати худ афзудан хушбахт нестӣ?

Шоҳ Сулаймон аз деҳқон пурсид:

— Бигӯ, ки агар ман оби ҳаётро бинӯшам, хушбахт мешавам? Оё ҷанговар ва тоҷир ба ман ҳақиқатро гуфтанд?

Деҳқон ҷавоб дод:

— Шоҳо! Ҳам ҷанговар, ҳам тоҷир ба ту фақат нисфи ҳақиқатро гуфтанд. Онҳо ба ту гуфтанд, ки чаро хушбахт мешавӣ, вале нагуфтанд, ки чаро бадбахт мешавӣ.

— Ту чӣ мегӯӣ, нодон?! – фарёд заданд тоҷир ва ҷанговар. — Чӣ тавр шоҳе, ки умри ҷовидон дорад, бадбахт мешудааст?!

Деҳқон гуфт:

— Ба ҳарфи ман гӯш бидеҳ, шоҳи хирадманд. Ту қатрае аз оби ҳаёт менӯшӣ ва умри ҷовидон меёбӣ. Замоне мерасаду зани дӯстдоштаат мемурад. Вале ту ҳамоно зиндаву сарват ҷамъ мекунӣ. Фарзандонат низ аз ин дунё мераванд. Вале ту ҳамоно зиндаиву аз қудратмандиат ифтихор мекунӣ. Фарзандони фарзандонат низ зери хок мераванд. Вале ту ҳамоно зиндаиву сарвати фаровонатро ҳисоб мекунӣ. Ҳам дӯстони ҷониат, ҳам хизматгорони бовафоят

дар пеши чашмонат аз ин олам мераванд, вале ту ҳамоно зиндаӣ. Рӯзе мерасад, ки дар наздат на занатро мебиниву на фарзандонатро, на наберагонатро, на дӯстонатро ва на навкаронатро. Ана, чи хушбахтие туро пеш меояд, шоҳи бохиради мо. Ва ҳоло агар хоҳӣ, ин обро бинӯш ва умри ту ҷовидон мегардад.

— Намехоҳам! – гуфт шоҳ Сулаймон. — Зиндагиро чӣ кунам, агар дар паҳлӯям фарзандонам набошанд? Сарвати фаровонро чӣ кунам, агар наберагонамро зери хок бинам? Қудрату тавоноиро чӣ кунам, агар ҳама дӯстонам мурда бошанд?

Шоҳ инро гуфту кӯзачаро ба замин зада пора-пора кард.

Замин оби ҳаётро ба худ кашид.

## ХУМИ ҒАРҚШУДА

Як замон, дар Ҳиндустон бараҳмане зиндагӣ мекард. Вай танбалтарин одами ҷаҳон буд. Кор кардан намехост, одамон ҳар чӣ садақа диҳанд, ҳамонро мехӯрду умр ба сар мебурд.

Рӯзе бараҳман дар ба дар гашта як хум биринҷ ҷамъ кард. Вақти бозгашт бараҳмани танбал дар соҳили дарё нишаст, хуми биринҷро ба наздаш гузошт ва ба орзую хаёл шурӯъ кард.

“Хуб мешуд, агар гармселе меомаду ҳамаи ҳосилро нобуд мекард. Он вақт гуруснагӣ сар мешавад ва ман ин як хум биринҷро ба се рупия мефурӯшам. Ба се рупия буз мехарам. Он буз як рама бузғола мезояд. Бузғолаҳоро мефурӯшаму як гов мехарам. Гов гӯсолаҳои зиёде мезояд. Гӯсолаҳо калон шуда барзагов мешаванд. Барзагов ба ҳама лозим аст – ҳам ба заминдору ҳам ба деҳқонони хокпош. Барзаговҳоро мефурӯшаму асп мехарам. Асп тойчаҳои зиёде мезояд. Вақте ки тойчаҳо калон мешаванд, онҳоро мефурӯшаму хонаи васеи боғдор мехарам. Дар болои ҳар як дарахти боғам тӯтиҳои рангоранг мешинанд. Баъд духтари заминдорро ба занӣ мегирам, падарарӯсам ба ман пулу моли зиёд медиҳад. Мо писардор мешавем. Ман дар сояи боғ мешинаму писарамро ҷеғ мезанам:

— Ба пешам биё, писарам. Биё, дар бағалам шин.

Писарчаам ба сӯям медавад ва пешпо хӯрда меафтаду гиря мекунад. Ман ба сари занам фарёд мезанам:

— Занак, тезтар бачаро бардор! Магар намебинӣ, ки кӯдак афтида маъюб шуд!

Вале занак машғули коре буда садои маро намешунавад. Он вақт ба ғазаб омада аз ҷоям мехезаму як лагад занамро мезанам! “Ана ба ту! Ана ҷазои ту!”

Ва бараҳман аз ҷояш хесту хумро як лагад зад. Хум ба дарё афтиду ғарқ шуд.

Аз ҳамон вақт мардум мегӯянд: “Орзуи танбал мисли хуми ғарқшуда аст”.

# НАХЎДАКИ ҒЭЛОН

Буд – набуд одаме буд. Вай шаш писар ва як духтар дошт. Рӯзе писаронаш ба саҳро барои шудгор рафтанд ва гуфтанд, ки хоҳарашон нисфирӯзӣ барояшон хӯрок орад. Хоҳарашон гуфт:

— Шумо дар куҷо замин шудгор мекунед, ман намедонам.

Бародарон гуфтанд:

— Мо аз хонаамон то ҷое, ки шудгор мекунем, чӯяк мекашем. Ту қад-қади ҳамон чӯяк рафтан гир.

Бародарон рафтанд.

Дар наздикии ҳамон замин — дар ҷангал море зиндагӣ мекард. Мор он чӯякро ҳамвор карду ба ҷои он то хонаи худаш чӯяки дигар кашид. Ҳамин тавр, духтарак хӯрокро гирифту хост, ки ба бародаронаш барад, вале қад-қади чӯяке, ки мор кашида буд, рафту ба манзили мор расид. Ва мор ӯро дошта гирифт.

Бегоҳӣ бародарон ба хона баргаштанду ба модарашон гуфтанд:

— Мо тамоми рӯз кор кардем, вале ту ба мо хӯрок нафиристодӣ!

— Чӣ тавр нафиристодам? Охир, Алёнка бурда буд-ку! Ман фикр кардам, ки вай бо шумо бармегардад. Мабодо роҳро гум накарда бошад?

Бародарон гуфтанд:

— Мо рафта хоҳарамонро меёбем!

Шаш бародарон бо ҳамон чӯяки мор рафтанду рост ба хонаи мор, ки хоҳарашон он ҷо буд, расиданд. Хоҳарашон гуфт:

— Бародарони меҳрубонам! Вақте ки мор меояд, ман шуморо ба куҷо пинҳон мекунам? Мор шуморо мехӯрад!

Ҳамин асно, мор парида омад.

— Бӯи одам меояд, — фашшос зад мор. — Канӣ, ҷавонмардон, ҷанг мекунем ё оштӣ?

— Ҷанг мекунем! — гуфтанд бародарон.

Ҷанги онҳо дер давом накард: мор зуд онҳоро аз пой афтонд. Ва ниммурда карда ба зиндони торик партофт.

Падару модар чашм ба роҳи писаронашон буданд, вале онҳо наомаданд.

Боре модар ба соҳили дарёча рафт, то ки либос шӯяд. Дид, ки дар об нахӯде шино дорад. Вай нахӯдро гирифту хӯрд.

Ва баъд аз чанде писараке зоид. Тифл хеле зуд калон мешуд.

Боре падару писар чоҳ мекофтанд, ки аз зери хок санги калоне баромад. Падар рафта одамонро ҷеғ зад, то ки сангро бардошта бароранд. То одамон омаданд, ки Нахӯдак худаш сангро бардошта баровард. Мардум омада диданду ба ҳайрат афтоданд. Ва аз пурзӯрии ӯ тарсида, хостанд, ки писаракро бикушанд.

Нахӯдак ҳамоно санги калонро ба ҳаво партофту баъд дошта гирифт. Одамон инро дида, ҳамаашон гурехта рафтанд.

Падару писар боз заминкобиро давом доданду аз зери хок оҳани калоне баромад. Нахӯдак онро бароварду пинҳон кард.

Боре Нахӯдак аз падару модараш пурсид:

— Гуфта будед, ки ман хоҳару бародар доштам?

— Бале, писарам, — гуфтанд падару модараш. — Ту ҳам хоҳар, ҳам шаш бародар доштӣ.

Ва ҳамаи воқеаи рӯйдодаро нақл карданд.

Нахӯдак гуфт:

— Ман рафта онҳоро меёбам.

Падару модар хостанд, ки ӯро аз роҳаш гардонанд:

— Нарав, писарам. Шаш нафар бародаронат рафта дигар барнагаштанд, ту ҳам нобуд мешавӣ.

— Не, меравам. Чӣ тавр мешавад, ки ҷигарбандонамро халос накунам?

Оҳанеро, ки аз зери замин ёфта буд, ба назди оҳангар бурду гуфт:

— Бароям шамшере бисоз, ки калону тез бошад.

Оҳангар чунон шамшере сохт, ки онро аз оҳангархона чандкаса базӯр бардошта бароварданд. Нахӯдак шамшерро ба ҳаво партофту ба падараш гуфт:

— Ман рафта хоб мекунам, маро баъд аз дувоздаҳ рӯз, баъди он ки шамшер аз осмон баргашт, бедор кун.

Инро гуфту Нахӯдак хоб кард. Рӯзи сездаҳум шамшер шуввосзанон аз осмон парида омад. Падар писаращро аз хоб бедор кард. Писар ҷаҳида хесту мушташро боло кард. Шамшер ба мушт бархӯрду дупора гашт. Нахӯдак гуфт:

— Не, бо ин шамшер ба ҷустуҷӯи бародарону хоҳарам рафта наметавонам, шамшери дигар сохтан лозим аст.

Шамшери дукафонро ба оҳангар бурду гуфт:

— Инро бигиру шамшери дигаре бисоз, ки ба ман мувофиқ бошад!

Оҳангар шамшери калонтару мустаҳкамтар сохт. Нахӯдак ин шамшерро ҳам ба осмон партофту худаш рафта дувоздаҳ рӯз хобид. Рӯзи сездаҳум шамшер бозгашта чунон ғуррос зад, ки замин ларзид. Падар Нахӯдакро бедор кард. Вай аз ҷой давида хесту мушташро бардошт. Шамшер ба мушташ бархӯрду фақат андаке қат шуд.

— Ана, бо ин шамшер ба ҷустуҷӯи хоҳараму бародаронам рафтан мумкин аст. Модар, нон паз, ман ба роҳ мебароям.

Нахӯдак шамшерашро бардошт, нонро ба халтааш андохт, хайрухуш кард ва рафт. Баъд аз чанде ба беша расид. Дар беша хонае буд. Нахӯдак ба он ҷо даромад ва дид, ки мор несту хоҳараш Алёнка дар он ҷо нишастааст.

— Салом, духтари зебо!

— Салом, ҷавон. Ту чаро ба ин ҷо омадӣ? Мор парида ояд, туро мехӯрад.

— Шояд ки нахӯрад. Ту худат кистӣ?

— Ман духтари ягонаи падару модарам будам. Мор маро дуздид. Шаш бародарам маро озод кардан хостанд, вале натавонистанд.

— Бародаронат дар куҷоянд?

— Онҳоро мор ба зиндон партофт. Ман намедонам, ки онҳо ҳоло зиндаанд ё не.

— Шояд ман туро озод кунам, — гуфт Нахӯдак.

— Наметавонӣ! Шаш кас натавонистанд, ту танҳо чӣ кор карда метавонӣ?!

— Мебинем! – гуфт Нахӯдак. Ва дар назди тиреза нишаста мунтазир шуд. Ин вақт мор парида омад. Ба хона даромаду бӯй кашид ва гуфт:

— Ҳа, бӯйи одам меояд!

— Чӣ тавр наояд, вақте ки ман дар ин ҷоям! — гуфт Нахӯдак.

— Ҳа, ҷавонак! Ту чӣ мехоҳӣ: ҷанг мекунем, ё оштӣ?

— Ҷанг мекунем, - гуфт Нахӯдак.

Ҳар ду рафтанду ҷангиданд. Мор гуфт:

— Ту бизан!

— Не, аввал ту бизан!

Мор чунон зад, ки Нахӯдак то зону ба замин фурӯ рафт. Нахӯдак пойҳояшро кашида гирифту бо шамшер морро чунон зад, ки то зону ба замин ғӯтид. Баъд мор Нахӯдакро то зону ба замин фурӯ равонд. Нахӯдак морро боз зада то миён ба замин мехкӯб кард, бори сеюм зада кушт.

Баъд ба зиндон рафту бародаронашро дид, ки аз беҳолию бемадорӣ базӯр нафас мегирифтанд. Нахӯдак бародаронаш ва хоҳарашро гирифт ва тиллою симу зари морро бардошта бурд.

Онҳо мерафтанду Нахӯдак ҳатто намегуфт, ки ӯ бародарашон аст. Рафтанд, рафтанду дар зери дарахти булуте нишаста дам гирифтанд. Нахӯдак баъди ҷанг хело хаста буд, бинобар ин хобаш зуд бурд. Вале он шаш бародар бо ҳам маслиҳат мекарданд:

— Мардум ба мо механданд, ки мо шаш нафар морро мағлуб карда натавонистем, вале ӯ морро кушт. Ва пулу зари морро ҳам бо худаш гирифта меравад.

Онҳо бо ҳам маслиҳат карданд, ки Нахӯдакро дар хобаш ба дарахти булут мебанданд, то ки ҳайвоноти дарранда ӯро хӯрда раванд. Ҳамин тавр ҳам карданд: бастанду рафтанд.

Нахӯдак бошад хоб буду ҳеҷ чизро ҳис намекард. Як шабу як рӯз хоб кард, баъд бедор шуду дид, ки ӯро бастаанд. Бо як зӯр задан дарахти булутро решакан карду ба китфаш бардошта ба хонааш рафт.

Ба хонаи падараш расиду садои бародаронашро шунид, ки аз модарашон мепурсиданд:

— Шумо, модар, боз фарзанд доштед?

— Албатта. Писарам буд — номаш Нахӯдак, барои халос кардани шумо рафта буд.

Бародарон гуфтанд:

— Пас, мо бародарамонро бастаем. Зуд рафта дасту пояшро кушодан лозим.

Нахӯдак бо ҳамон булут ба болои хона чунон зад, ки он қариб фурӯ мерафт.

— Агар шумо чунин ношукру носипос бошед, худатон дар ин хона шинед. Ман меравам.

Ва шамшерро ба китф гирифту рафт.

Рӯзе дид, ки одаме дар байни ду кӯҳ истода мехоҳад онҳоро аз ҷояш ҷунбонад. Нахӯдак аз ӯ пурсид:

— Ту чӣ кор мекунӣ, одами нек?
— Кӯҳҳоро аз ҳамдигар ҷудо мекунам, то ки роҳ шавад.
— Ба куҷо меравӣ?
— Ба ҷустуҷӯи бахт.
— Ман ҳам ба ҳамон ҷо. Номат чист?
— Кӯҳҷунбон.
Онҳо якҷоя рафтанду рафтанд. Ниҳоят, рӯзе диданд, ки одаме дарахтҳоро решакан мекунад.
— Ту чӣ кор мекунӣ, одами нек?
— Дарахтҳоро меканам, то ки роҳ шавад.
— Ба куҷо меравӣ?
— Ба ҷустуҷӯи бахт.
— Мо ҳам ба ҳамон ҷо. Номат чист?
— Дарахткан.
Онҳо секаса рафтанду рафтанд, ниҳоят рӯзе одамеро диданд, ки мӯйлаби дарозе дошту назди дарё меистод. Агар мӯйлабашро ҷунбонад, оби дарё ба ҳар тараф ҷудо мешуд. Ва одам аз дарё гузашта метавонист.
— Ту чӣ кор мекунӣ, одами нек?
— Оби дарёро мебандам, то ки одамон гузаранд.
— Ба куҷо меравӣ?
— Ба ҷустуҷӯи бахт.
— Мо ҳам ба ҳамон ҷо. Номат чист?
— Дарёбанд.
Онҳо чоркаса рафтанд. Ҷое, ки кӯҳ бошад, Кӯҳҷунбон онро тела медод, ҷое, ки беша бошад, Дарахткан онҳоро мекаңд, ҷое, ки дарё бошад, Дарёбанд обро мебасту роҳ мекушод. Онҳо рӯзе ба ҷангале расиданд. Дар ҷангал кулбае буд. Ба кулба даромаданд, ки касе набуд. Нахӯдак гуфт:
— Ҳамин ҷо хоб мекунем.
Шабона хоб карданду саҳар Нахӯдак гуфт:
— Ту, Кӯҳҷунбон, дар хона мону хӯрок паз. Мо се нафар ба шикор меравем.
Кӯҳҷунбон хӯрок пухту барои дамгирӣ дароз кашид. Ногаҳон касе дарро кӯфт:
— Дарро кушо!
— Хоҷаи бузург нестӣ, худат кушо! – гуфт Кӯҳҷунбон.
Дар кушода шуду боз касе фарёд зад:
— Моро аз остона гузарон!
— Хоҷаи бузург нестӣ, худат гузар!
Аз остона пирамарди паканае гузашта омад, ки риши дарозаш дар рӯи замин буд. Пирамарди пастак Кӯҳҷунбонро аз кокулаш бардошту ба мехи девор овехта монд. Баъд тамоми хӯрокро хӯрду баромада рафт. Кӯҳҷунбон бо азобе худашро халос кард ва боз ба таомпазӣ сар кард. Дӯстонаш омаданду диданд, ки ӯ ҳоло ҳам хӯрок мепазад.
— Чаро хӯрокро дер пухтӣ?
— Хобам бурдааст.
Хӯрокро хӯрданду хобиданд. Рӯзи дигар Нахӯдак гуфт:

— Акнун ту, Дарахткан, дар хона мон. Мо ба шикор меравем.

Дарахткан хӯроки зиёде пухту дароз кашид. Касе дарро кӯфт:

— Дарро кушо!

— Хоҷаи бузург нестӣ, худат кушо! – гуфт Кӯҳҷунбон.

— Маро аз остона гузарон!

— Худат гузар!

Пирамарди паканаи ришдароз даромаду Дарахтканро аз кокулаш гирифта ба мех овехт ва хӯрокро хӯрду рафт.

Дарахткан бо азобе худро халос карду зуд ба хӯрокпазӣ сар кард.

Дӯстонаш омаданду пурсиданд:

— Чаро хӯрокро дер пухтӣ?

— Хобам бурдааст.

Кӯҳҷунбон хомӯш буд, чунки вай асли воқеаро медонист.

Рӯзи сеюм Дарёбанд дар хона монд. Боз ҳамон воқеа такрор ёфт.

Нахӯдак гуфт:

— Ҳамаатон дар таомпазӣ танбал будаед. Фардо ба шикор равед, ман ин ҷо мемонам.

Рӯзи дигар Нахӯдак дар хона монду хӯрок пухт ва барои дамгирӣ дароз кашид. Касе дарро кӯфт.

— Дарро кушо.

— Ҳозир мекушоям, — гуфт Нахӯдак.

Дарро кушоду пирамарди паканаи ришдарозро дид.

— Маро аз остона гузарон!

Нахӯдак пирамардро бардошта аз остона гузаронд.

— Ту чӣ мехоҳӣ? – пурсид Нахӯдак.

— Ҳозир мебинӣ, — гуфт пирамарди пастак ва хост, ки аз кокули Нахӯдак дорад. Вале Нахӯдак аз риши пакана маҳкам дошт ва табарро гирифта паканаро ба назди дарахти булут бурд ва танаи дарахтро роғ карда риши пирамардро ба он ҷо маҳкам кард.

— Агар ту кокули маро доштан мехоста бошӣ, то омадани ман ҳамин ҷо бинишин.

Ба хона омада дид, ки дӯстонаш баргаштаанд.

— Хӯрок ҳаст?

— Кайҳо тайёр!

Хӯрокро хӯрданду Нахӯдак гуфт:

— Биёед, ман ба шумо як чизро нишон медиҳам.

Омаданду диданд, ки на пирамард ҳасту на булут: ришдароз булутро решакан карда кашолакунон бурдааст. Нахӯдак ба дӯстонаш воқеаро нақл кард. Дӯстонаш ҳам саргузашти худашонро нақл карданд.

— Э-э, — гуфт Нахӯдак, — агар вай ин хел бошад, кофта ёфтан лозим.

Пакана булутро кашолакунон рафта, аз пасаш из гузошта буд. Дӯстон аз рӯи из рафтанду ба чоҳе расиданд, ки таг надошт. Нахӯдак гуфт:

— Ба ин ҷо даро, Кӯҳҷунбон.

— Мон чунин корҳоро!

— Ту даро, Дарахткан.

Вале ҳеҷ кас ба чоҳ даромадан нахост.

— Ин тавр бошад, — гуфт Нахӯдак, — худам медароям. — Биёед, ресмон мебофем.

Нахӯдак ба чоҳ даромаду қасри калонеро дид. Ба қаср даромаду дид, ки дар ҳама ҷо тиллову сангҳои қимматбаҳо медурахшанд. Ба пешвози Нахӯдак шоҳдухтари чунон нозанине баромад, ки мисолашро касе надидааст.

— Эй, одами нек, чаро ту ба ин ҷо омадӣ? – пурсид шоҳдухтар.

— Ман пирамарди паканаи ришдарозро мекобам.

— Пакана ришашро аз роғи дарахт баровардa истодааст. Ба наздаш нарав, туро мекушад! Вай одамони зиёдеро куштааст.

— Намекушад, — гуфт Нахӯдак, — риши ӯро ман дар роғи булут маҳкам кардам. Ту дар ҳамин ҷо зиндагӣ мекунӣ?

— Ман шоҳдухтар ҳастам. Ин пакана маро дуздида ба ин ҷо овард.

— Ман туро озод мекунам. Маро ба назди вай бар!

Шоҳдухтар Нахӯдакро ба назди пакана бурд. Диданд, ки пирамард ришашро аз роғии булут баровардааст. Вай Нахӯдакро диду фарёд зад:

— Чаро ба ин ҷо омадӣ? Ҷанг мекунӣ ё оштӣ?

— Ҷанг мекунам!

Онҳо ба ҷанг сар карданд. Дурудароз ҷангиданду ниҳоят Нахӯдак бо шамшер паканаро зада кушт. Баъд бо шоҳдухтар тамоми тиллою зару зеварро ҷамъ карданд ва ба се халта андохта ба назди баромадгоҳ омаданд. Нахӯдак фарёд зад:

— Ҳой, бародарон, шумо дар ҳамин ҷоед?

— Ҳамин ҷо.

Нахӯдак як халтаро ба ресмон басту гуфт:

— Кашед, ин аз они шумо.

Халтаи дуввуму севвум ва шоҳдухтарро ҳам кашида бароварданд. Акнун Нахӯдакро кашидан лозим буд. Дӯстон фикр карданд:

— Нахӯдакро кашида баровардан чӣ лозим? Бигзор, шоҳдухтар ҳам аз они мо шавад. Нахӯдакро боло мебардорему баъд ресмонро мебурем, вай афтида мемурад.

Нахӯдак нияти онҳоро фаҳмиду як санги калонро ба ресмон баст ва гуфт:

— Кашед маро!

Дӯстонаш сангро кашида боло бардоштанду ресмонро буриданд.

— Хайр, — гуфт Нахӯдак, - ҳоло мебинем!

Нахӯдак дар таги замин ба роҳ даромад. Рафту дид, ки абрҳо ҷамъ шуданду борон ба боридан сар кард, жола зад. Вай ба зери дарахти булут пинҳон шуд. Вай шунид, ки уқобчӯҷаҳо чӣ-чӣ мекунанд. Нахӯдак ба болои дарахт баромаду чӯҷаҳоро бо ҷомааш паноҳ кард. Борон монду уқоби калон — падари уқобчӯҷаҳо парида омад. Уқоб дид, ки чӯҷаҳояш сиҳату саломатанд ва пурсид:

— Кӣ шуморо наҷот дод?

— Агар ӯро нахӯрӣ, мегӯем, — гуфтанд чӯҷаҳо.

— Намехӯрам.

— Ана, он одам, ки зери дарахт нишастааст, моро наҷот дод.

Уқоб ба назди Нахӯдак омаду гуфт:

— Бигӯй, ки ба ту чӣ лозим? Ҳар чӣ хоҳӣ, ман медиҳам. Бори аввал аст, ки чӯҷаҳоям зинда монданд. Ҳар дафъа, ки ман парида равам, борон мебораду чӯҷаҳоям нобуд мешаванд.

— Маро ба рӯи замин барор, — гуфт Нахӯдак.

— Кори мушкилеро ба ман фармудӣ! Лекин паридан лозим. Бо худ шаш бӯшка гӯшт ва шаш бӯшка об мегирем. Вақти парвоз ман агар сарамро ба рост гардонам – гӯшт медиҳӣ, агар ба чап гардонам – об. Вагарна беҳол шуда меафтам.

Онҳо шаш бӯшка гӯшту шаш бӯшка обро гирифтанд. Нахӯдак ба болои уқоб савор шуду онҳо париданд. Агар уқоб сарашро ба рост гардонад, Нахӯдак гӯшт медод, агар ба чап гардонад, об медод. Ҳамин тавр, дуру дароз парвоз карданд, қариб ба рӯи замин расиданд, ки уқоб сарашро ба рост гардонд, вале дар бӯшка дигар гӯшт намонда буд. Он вақт Нахӯдак аз сони пояш пораи гӯште бурида гирифту ба уқоб дод. Онҳо ба рӯи замин расида буданд, ки уқоб пурсид:

— Он пораи хушмаззае, ки охир додӣ, чӣ буд?

Нахӯдак пояшро нишон доду гуфт:

— Ана, ин!

Он вақт уқоб он пораи гӯшти пойро аз гулӯяш баргардонду парида рафта оби шифо овард. Ва он гӯштпораро ба пои Нахӯдак часпонду аз рӯяш об пошид ва захм дуруст шуд.

Уқоб ба хонааш баргашт. Нахӯдак ба ҷустуҷӯи дӯстонаш рафт. Дӯстон аллкай ба қасри падари шоҳдухтар рафта, он ҷо зиндагӣ карда баҳсу мунозира доштанд, ки шоҳдухтарро кӣ ба занӣ мегирад.

Ва ногаҳон Нахӯдак ба қаср омад. Дӯстон тарсиданд, ки Нахӯдак онҳоро мекушад, вале ӯ гуфт:

— Бародарони худам ба ман хиёнат карда буданд; вале шумо, ки бегонаед, ҳамаатонро мебахшам.

Нахӯдак шоҳдухтарро ба занӣ гирифт ва бо хушию хурсандӣ зиндагӣ кард.

## ОЁ ҲАВАСИ ИНСОН ОХИР ДОРАД?

Боре заминдоре ва хирадманде бо ҳам баҳс карданд, ки оё орзую ҳаваси инсон охир дорад ё не?

Хирадманд гуфт:

— Ҳаваси инсон беохир аст. Инсон ҳеҷ вақт шукр ва қаноат намекунад. Ҳама чиз дошта бошад ҳам, боз кам мегӯяд.

Заминдор қабул намекард:

— Ба одам чӣ даркор? Наход мани заминдору сарватманд коре карда натавонам, ки одам дигар талабе надошта бошад. Биё, бо ҳам равем. Ман чунон зиёфате диҳам, ки баъд аз он ҳеҷ кас ҳеҷ чиз намехоҳад.

— Ихтиёр ба дасти бахтиёр, — нешханд зад хирадманд. — Вале туро огоҳ

мекунам, ки дили ҳамаро ёфта намешавад ва чашми инсон ҳеҷ вақт сер намегардад.

Заминдор хост, ки хирадмандро шарманда кунад ва дар айни замон давлату сарваташро нишон диҳад. Меҳмони зиёдеро даъват карду зиёфати калоне дод. Меҳмонон фаровон мехӯрдаду менӯшиданд, сӯҳбат мекарданду механдиданду суруд мехонданд. Ҳама гӯё розӣ буданд.

Заминдор хирадмандро ҷеғ заду гуфт:

— Биё, равему гӯш кунем, ки чӣ тавр одамон зиёфати маро таъриф мекунанд.

Рафтанду гӯш андохтанд. Яке аз меҳмонон мегуфт:

— Зиёфати бисёр хуб буд. Ман ҳеҷ гоҳ ин қадар нахӯрдаю напӯшида будам. Офарин ба заминдор, одамонро зиёфат карда метавонад.

Меҳмони дигаре гуфт:

— Дуруст мегӯӣ. Фақат як чизаш бад: пояи курсиҳо баланд буд, бинобар ин пойҳоямон овезон буданду устухонҳояшон ба дард даромаданд. Дигар ба поям рост истода наметавонам. Кошки ин заминдор ба зери поямон ягон сандалича мегузошт!

— Ба тагамон ҳам ягон чиз меандохт, бад намешуд! – гуфт меҳмони саввум.

— Гапат рост, ҳамсоя, — гуфт меҳмони чорум. — Дар ҳақиқат, вай моро бароҳату бафароғат шинонда натавонист.

— Э, ин пир куҷою зиёфат додан куҷо! — гуфтанд бо як овоз меҳмонон.

— Ҳа, — гуфт заминдор паси сарашро хорида ва ба хирадманд нигарист. — Аз ман камбудӣ гузаштааст. Хайр, ҳеҷ гап не, ин дафъа чунон тӯю тамошо диҳам, ки ҳама ҳайрон монанд!

Як ҳафта ҳам нагузашта, заминдор боз як зиёфати бошукӯҳе дод. Меҳмонон омаданду диданд, ки ба рӯи курсиҳо болиштҳои пар, ба таги по сандаличаҳо гузоштаанд. Ҳама нишастанд — чӣ кадар нарму мулоим, бофароғат, пойҳо овезон намешаванд, устухонҳои по низ дард намекунанд. Меҳмонон мехӯрданду менӯшиданд, сӯҳбат мекарданд, мерақсиданду механдиданд.

Меҳмонон гӯё, ки розӣ буданд.

Заминдор хирадмандро ҷеғ заду гуфт:

— Биё, равему гӯш кунем, ки чӣ тавр одамон зиёфати маро таъриф мекунанд.

Рафтанду гӯш андохтанд. Яке мегуфт:

— Имрӯз чи зиёфати хубе буд! Ҳеҷ гоҳ ман ин қадар нахӯрдаву нанӯшида будам. Офарин, заминдор, зиёфати хуб дод!

Дигаре ҷавоб дод:

— Рост гуфтӣ, ҳамсоя. Фақат як чизаш бад: бисёр хӯрдему нӯшидем, шикамҳо пур шуданд, вале ба хона пиёда меравем. Эҳ, мо бечораҳо! Агар ин заминдори пир ба мо асп медод, чӣ мешуд?!

— Гапат рост, ҳамсоя, — гуфт меҳмони саввум, — истироҳати моро хуб ташкил накардааст.

— Э, ин пир куҷою зиёфат додан куҷо! — гуфтанд меҳмонон.

— Ҳа, гуфт заминдор паси сарашро хорида ва ба хирадманд нигарист. — Аз ман камбудӣ гузаштааст. Хайр, ҳеҷ гап не, боз як бори дигар тӯю тамошо медиҳам, ин дафъа ҳама розӣ мешаванд.

Як ҳафта нагузашта, заминдор боз як зиёфати бошукӯҳе дод. Меҳмонон барои тӯйравӣ аз хонаашон баромада назди ҳар дарвоза асперо диданд ва савор шуда ба хонаи заминдор рафтанд.

Меҳмонон мехӯрданду менӯшиданд, сӯҳбат мекарданду суруд мехонданд, баъзеҳо мерақсиданд. То нисфи шаб кайфу сафо карданд. баъд яке ба асп, дигаре ба фойтун савор шуда ба хонаашон рафтанд. Меҳмонон гӯё розӣ буданд. Заминдор хирадмандро ҷеғ зада гуфт:

— Биё, гӯш кунем, ки онҳо зиёфати маро чӣ тавр таъриф мекунанд.

— Чӣ зиёфати хубе буд! Ман ҳеҷ гоҳ ин қадар нахӯрда ва нанӯшида будам. Офарин, заминдор зиёфати хуб дод.

Дуввумӣ илова намуд:

— Рост гуфтӣ, ҳамсоя. Зиёфате дод, ки як умр фаромӯш намекунем! Аспҳояш чи хел зебоянд! Вале афсӯс, ки ба ҳамаамон фақат яктогӣ асп дод. Агар дар паҳлӯи ҳар як асп яктогӣ тойча ҳам мебуд, хуб мешуд.

— Гапат ҳақ, ҳамсоя, — гуфт севвумӣ. — вай дуруст фикр накардааст. Агар дар паҳлӯи ҳар як асп яктогӣ тойча мешуд, хуб мебуд. Афсӯс, ки тойча нест!

— Ва дар гардани ҳар як тойча бояд яктогӣ зангӯлача мебуд! – гуфт чорумӣ.

— Э, ин пир куҷою зиёфат додан куҷо! — гуфтанд меҳмонон бо як овоз.

Заминдор ин суханонро шуниду ноумед шуда гуфт:

— Ҳақ ба ҷониби ту будааст, хирадманд. Дили ҳамаро ёфта намешудааст ва ҳаваси инсон охир надоштааст!

## Шоҳ ва мушовиронаш

Буд набуд шоҳе буд. Вай се мушовир дошт. Онҳо чунон хушлибос, бовиқор, мағрур буданд, ки гумон мекардӣ хеле донояид. Шоҳ ҳам гумон мекард, ки мушовиронаш бисёр доною хирадманданд, бинобар ин тамоми корҳои давлатдориро ба онҳо во гузошта буд. Вале бунёди давлат рӯз ба рӯз суст мешуд ва ниҳоят хазина холӣ шуд. Шоҳ фаҳмид, ки мушовиронаш чандон оқилу доно набудаанд. Шоҳ писари худ — ворисӣ тоҷу тахтро ҷеғ заду маслиҳат хост.

— Ин корро ба ман фармоед, — гуфт шоҳзодаи валиаҳд, — ман зуд муайян мекунам, ки мушовирони шумо доноянд ё нодон.

Бояд гуфт, ки шоҳзодаи ҷавон ба падараш монанд набуд. Шоҳ ҳеҷ гоҳ аз қаср берун намебаромад, вале шоҳзода гоҳ-гоҳе дар қаср пайдо мешуд. Рӯзи дароз асптозӣ мекард, дар рӯи замин мехобид, бо деҳқонон, раҳгузарону мусофирон сӯҳбат мекард. Аз ин сабаб, шоҳзода зиндагиро аз падараш бештар медонист.

Шоҳзода мушовиронро ба сайру гардиш даъват кард. Мушовирон зуд фармон доданд:

— Фойтун биёред!

Вале шоҳзода гуфт:

— Ман пиёда сайр кардан мехоҳам.

Шоҳзода ҳамоно ба роҳ даромад, аз паси ӯ оҳу воҳ кардаву нафасгир шуда се мушовири фарбеҳ равон шуданд.

Онҳо ба токзор расиданд. Шоҳзода боғбонро, ки хӯшаҳои ангурро меканд, диду фарёд зад:

— Ҳой, Педро-амак, ба қуллаи кӯҳ барфи бисёр боридааст!

Боғбон таъзиме карду ҷавоб дод:

— Вақташ расидааст, шоҳзода.

Мушовирон аз ин сӯҳбат чизе нафаҳмиданд: атроф ҳама ҳамворӣ, дар ҳеҷ ҷой теппае ҳам набуду қуллаи кӯҳ аз куҷо пайдо мешавад?

Шоҳзода ба боғбон наздик шуда сӯҳбаташро идома дод:

— Чанд бор хонаат сӯхтааст?

— Ду бор, ҷаноб.

— Чанд бор туро мисли мурғ пар мекананд?

— Боз се бори дигар.

Мушовирон боз чизе нафаҳмиданд ва ҳайрон буданд. Шоҳзода гуфт:

— Се мурғи марҷонро пар кан, Педро.

— Агар шумо фармон диҳед, пар мекананм! — хурсандона гуфт боғбон ва хандид. Шоҳзода бо ҷиддият ба мушовирон гуфт:

— Ҷанобон мушовирон, донотарину оқилтаринҳо! Агар шумо маънии сӯҳбати моро фаҳмида ба ман нагӯед, дигар қасрро дар хоби шабатон мебинед.

Шоҳзода хушҳолона роҳашро идома дод. Мушовирони ба тарс афтода мӯйсафедро зорӣ мекарданд, ки маънии сӯҳбати муаммоомезро ба онҳо фаҳмонад.

Пирамарди доно ҷавоб дод:

— Мефаҳмонам, ҷанобон. Ба шарте ки шумо ба ман ҷомаю камзӯлҳоятонро диҳед.

Мушовирон мансаби дарбориашонро аз даст додан намехостанд, бинобар ин ночор розӣ шуданд.

— "Ба қуллаи кӯҳ барфи зиёд боридааст" — чунин маъно дорад: "Пир шудаам ва сарам сафед шудааст". Баъд шоҳзода пурсид, ки чанд бор хонаам сӯхтааст. Ин чунин маъно дорад, ки чанд духтарамро ба шавҳар додаам. Ман ду духтарамро ба шавҳар додаам ва ду бор хароҷоти миёншикан кардаам. Ва саволи севвум: маро чанд бор мисли мурғи марҷон пар кандаанд. Дар урфият мегӯянд: "Касе духтар ба шавҳар диҳад, ӯро вақти тӯй мисли мурғи марҷон пар мекананд". Ва ман боз се духтари бешавҳар дорам, бинобар ин маро боз се бор пар мекананд. Се мурғи марҷон, ки шоҳзода гуфт, шумо ҳастед, ва чӣ тавре ки мебинед, ман фармонро дақиқан иҷро кардам ва шуморо пар кандам. Магар шумо бе ҷомаву камзӯл ба мурғи парканда монанд нестед?

Мушовирон хурсанд буданд, ки ҳалли муамморо ёфтанд. Дар ин асно шоҳзода омаду гуфт:

— Ман ҳамаи гапҳоро шунидам. Шумо муамморо худатон ҳал накардед. Акнун қавл диҳед, ки барои духтарони боғбон ҷиҳози тӯй тайёр мекунед.

Мушовирон итоат карданд.

Шоҳзода ба назди падараш баргашт.

— Мушовирони ман куҷоянд? – пурсид шоҳ.

— Онҳо ба шумо лозим нестанд.

— Ман бе мушовир чӣ тавр давлатро идора мекунам?

— Ягон илоҷ мекунед. Як одам ба дарё афтидааст. Доду фарёди бисёр кардааст, вале ҳеҷ кас ба ёрӣ наомадааст ва ӯ ғарқ шудааст.

— Аҳмақ будааст! – гуфт шоҳ. – Бояд ки дод назада худаш аз об мебаромад.

— Ана, мо ҳам ҳамин тавр бояд худамон давлатро идора кунем, — гуфт шоҳзода.

Онҳо ҳамин тавр ҳам карданд.

Ин афсона нафақат барои шоҳу шоҳзода, балки дар бораи мову ту ҳам мебошад: ҳама коратро худат иҷро кун ва ба умеди дигарон набош.

## Парокандагии говон – компронии палангон

Як замоне дар наздикии ҷангали анбӯҳе подаи говон мечарид. Говон ҳамеша якҷо буданд ва ҳеҷ кадоме аз пода ҷудо намешуд.

Дар он ҷангал паланги маккори тезчангол зиндагӣ мекард. Вай орзу дошт, ки яке аз ин говонро бигираду пора карда бихӯрад. Вале говон, ки ҳамеша бо ҳам буданд, паланг наметавонист яке аз онҳоро шикор кунад.

Он вақт паланги маккор хост, ки говонро аз ҳам ҷудо кунад ва дар байни онҳо ҷудоӣ андозад. Ва боре хазида-хазида ба яке аз говон наздик шуд ва пичиррос зад:

— Гӯш кун, печидашох! Оё ту медонӣ, ки ана он гови каҷшох туро лагад задан мехоҳад?

Баъд паланг ба назди гови дигар рафт ва гуфт:

— Ҳой, думдароз, ту бехабар аз гапи ҷаҳон беташвиш алаф мехӯрӣ. Магар намебинӣ, ки ана он гови шохдароз туро бад мебинад ва шох задан мехоҳад?

Говон ба гапи паланги маккор бовар карданд. Онҳо ба якдигар шубҳа намуданд ва бо ҳам ҷангӣ шуданд. Акнун говон бо ҳам якҷоя намегаштанд, танҳо обу алаф мехӯрданд. Ҳар кадоме дар зери дарахти худ мечарид.

Паланги тездандон, ки онҳоро аз ҳам ҷудо карда буд, акнун ба осонӣ говонро яке аз паси дигаре дошта хӯрдан гирифт ва тамоми подаро нобуд кард.

Ана, аз ҳамон вақт мардум мегӯянд: "Парокандагии говон – компронии палангон".

# Ганҷи Ҷирсикбек

Буд набуд дар замонҳои қадим дар як авул мӯйсафеде зиндагӣ мекард. Ин пирамард писаре дошт, ки номаш Ҷирсикбек, яъне Танбал буд. Дар ҳақиқат, ӯ писараке буд, танбал, эрка, гапнодаро. Вай фақат як орзу дошт: хазинае ёфта бой шудан ва меҳнат накарда серу пур зистан.

Солҳо мегузаштанд. Он писар ҷавонмарди хушқаду зебое шуд, вале ҳоло ҳам бекор мегашту дар бораи хазина афсонаҳо мегуфту лоф мезад. Падараш ҳамеша фикр мекард: "Ҷавонро ба роҳи рост даровардан лозим аст, вагарна бадбахт мешавад".

— Писарам, — гуфт падар.

— Лаббай, падар! — ҷавоб дод писар коҳилона хамёза кашида.

— Он теппаро мебинӣ?

— Ҳа, мебинам.

— Ана дар ҳамон ҷо як вактҳо бой зиндагӣ мекард. Сарвату боигарии ӯ дар ҷаҳон машҳур буд. Он бой кайҳо мурдааст, вале хазинаи ӯ дар зери теппа аст. Пеш аз мурданаш тамоми сарваташро дар ҳамон ҷо гӯр карда буд. Ба даст овардани он сарватро ба ту худо фармудааст! Акнун каландро гиру аз паи кор шав, то ки ганҷро ба даст орӣ.

Ҷирсикбек меҳнат кардан намехост, вале хоҳиши ба даст овардани ганҷ боло гирифту ба кор сар кард. Вай даҳ рӯз дам нагирифта меҳнат кард. Рӯзи сездаҳум теппаро тамоман ҳамвор кард, вале ганҷро наёфт. Бо ғазаб ба назди падараш рафту гуфт:

— Чаро маро фиреб додед? Дар он ҷо як танга ҳам нест.

Падар табассуме карду гуфт:

— Ганҷ дар ҳамон ҷо аст. Барои онро ба даст овардан дар он ҷое, ки пештар теппа буд, кишт кардан лозим аст.

Писар ба панди падар гӯш дод. Ва баъд аз чанде ҳосили фаровон гирифт. Ҳамин тавр орзуи Ҷирсикбек амалӣ шуд. Акнун вай ҳар рӯз аз саҳар то шом дар киштзор кор мекунад. Фаҳмид, ки нони ба меҳнати ҳалол ба даст оварда аз симу зар ҳам гаронтар аст.

# МАЙМУНИ ХАНДОН ВА ТИМСОҲИ ТЕЗДАНДОН

Рӯзе маймуне ба соҳили дарё фаромад, то ки об бинӯшад. Ногаҳон аз дарё тимсоҳе хазида баромад ва маймунро дошта гирифт. Аз дарди ҷонкоҳи захми дандони тези тимсоҳ, маймун дандонҳои сахт фишурдаашро гиз кард. Тимсоҳ инро диду фикр кард: "Мебинам, ки ин маймун аз ман тамоман наметарсад ва ба замми ин нешханд зада маро ҳам масхара мекунад!"

— Ҳой, маймуни думдароз, ту чаро механдӣ? – пурсид тимсоҳ.

— Ман барои он механдам, ки ту тимсоҳ – аждаҳои обӣ, аҳмақ будай ва ба фикрам, ҳеҷ гоҳ маймун надоштай.

— Чаро ту маймуни зиштрӯй дар бораи ман ин тавр фикр мекунӣ? — гуфт тимсоҳ.

— Барои он ки, касифи бешуур, ҷони мо маймунҳо на дар танамон, балки дар думамон аст. Тимсоҳҳои дигар маймунро аз думаш медоранд. Лекин ту кирми беақл, маро аз миёнам доштӣ, бинобар ин аз ту ҷои тарс ҳам нест, аз ҳамин сабаб, ман ба ҳоли ту механдам, — ҷавоб дод маймун.

Тимсоҳ ба гапи маймун бовар кард ва ҷоғҳояшро кушод, то ки маймунро аз думаш дорад. Вале маймун фурсатро ғанимат дониста аз дандонҳои тези тимсоҳ халос шуду ба соҳили дарё ҷаҳид ва фарёд зад:

— Ҳой, шикамхолӣ, акнун фаҳмидӣ, ки ман чаро механдидам? Он лаҳза ман нахандида будам, балки аз дард дандонҳоямро гиз кардам. Хайр, ту ки ин қадар беақл будай, шикамхолию гурусна бимон.

Маймун инро гуфту ба ҷангал гурехта рафт.

Аз ҳамон замон мардум мегӯянд: "Дандон гиз кардан, хандидан нест".

# ХУРМОИ ЗАҲРНОК

Дар як дайр ду кашиш зиндагӣ мекарданд — яке пир буду дигаре ҷавон. Кашиши пир хасису чашмгурусна буд. Вай дар ҷевон хурморо пинҳон карда буду ба кашиши ҷавон як дона ҳам намедод. Фақат худаш пинҳонӣ мехӯрду ба дӯсти ҷавонаш мегуфт: "Агар аз ин хурмо як дона ҳам хӯрӣ, ҳамон замон мемурӣ!".

Боре мӯйсафед аз дайр баромада ба кӯчаое рафт. Кашиши ҷавон зуд ҳамаи хурморо хӯрд. Баъд косаи чиниеро, ки мӯйсафед бисёр эҳтиёт мекард, ба замин зада шикасту ба ҷойгаҳ даромада хобид.

Мӯйсафед баргашту пурсид:

— Ба ту чӣ шуд, чаро ба ҷойгаҳ даромадӣ?

Ҷавон оҳу нолакунон ҷавоб дод:

— Ҳазрат, ман гуноҳи азим кардам! Нохост косаи чинии дӯстдоштаи шуморо шикастам. Баъд хостам, ки худамро ба ҷазои марг гирифтор кунам, бинобар ин тамоми хурмои дар ҷевон бударо хӯрдам. Акнун дароз кашидаму мунтазири баромадани ҷонам ҳастам.

Кашиши хасису мумсик аз қаҳру ғазаб ба худ печид, вале чӣ ҳам гуфта метавонист?!

## ДУХТАРИ БОХИРАД

Як замоне Сарибой ном хон зиндагӣ мекард. Вай пир шуда буд ва рӯзи маргаш торафт наздиктар мешуд. Хон фарзанд надошт ва аз ин ҳол бисёр ғам мехӯрд.

Пеш аз маргаш хон мардумро ҷамъ карду гуфт:

— Ман умри дароз дидам. Акнун вақти он расид, ки аз ин олам чашм пӯшам. Агар аз касе қарздор бошам, бигӯяд. Васияти ман ин аст, ки ба ҷои ман хони хирадманди одилеро интихоб кунед.

Одамон гуфтанд:

— Ту аз ҳама пиртару бохирад ҳастӣ, худат барои мо хон интихоб кун.

Сарибой фикр карду ҷавоб дод:

— Ман як шоҳини сафед дорам. Вақте ки ман мурдам, шоҳин се рӯз чашм намекушояд, парвоз намекунад, чизе намехӯрад. Рӯзи чорум ба вай хӯрок диҳеду озод кунед. Шоҳин ба китфи касе шинад, ҳамон хон мешавад.

Баъд аз чанд рӯз хон мурд. Шоҳини сафед се рӯз чашм накушод, бол назад, хӯрок нахӯрд.

Рӯзи чорум ба вай хӯрок хӯронда ба осмон сар доданд.

Шоҳин баланд парвоз кард, дар осмон чарх зад ва ба китфи чӯпоне нишаст.

Баъзе аз наздикони хон фарёд заданд:

— Ин чӯпон бисёр ҷавон ва бенаво аст. Вай чӣ тавр хон шуда метавонад?! Чӯпонро хон интихоб намекунем!

Он вақт се мӯйсафед пеш баромаданду гуфтанд:

— Вақте ки Сарибой зинда буд, мо қавл дода будем, ки шоҳини сафед ба китфи касе шинад, ҳамон хон мешавад. Шоҳин ба китфи чӯпон нишаст. Пас, чӯпон хон мешавад.

Мардум ин суханро тасдиқ карданд ва чӯпон хон шуд.

Вай чанд сол ба мардум сарварӣ кард, вале то ҳол зан надошт.

Боре мӯйсафедон ба назди хон омаданд ва гуфтанд:

— Султони мо, ту бояд зан бигирӣ, то ки ворис дошта бошӣ, вагарна тақдири Сарибой ба сари ту ҳам меояд.

Хон ба ин пешниҳод розӣ шуд.

— Хеле хуб, — гуфт вай, — ҳамаи духтаронро ҷамъ кунед. Ман ақлу хиради онҳоро месанҷам. Кадомаш боақлтар бошад, ҳамонро ба занӣ мегирам.

Пас аз чанд рӯз аз саросари кишвар духтарон ҷамъ шуданд ва хон ба онҳо се муаммо гуфт:

— Масофаи байни шарқу ғарб чӣ қадар аст? Масофаи байни замину осмон чӣ қадар аст? Фосилаи байни росту дурӯғ чӣ қадар аст?

Барои ёфтани ҷавоби ин муаммоҳо хон ба духтарон се рӯз мӯҳлат дод.

Ду рӯз гузашт, вале духтарон муамморо ҳал карда натавонистанд. Рӯзи севвум дар роҳи қасри хон онҳо ба духтари бенавое вохӯрданд, ки ҳезум мечинд.

— Хоҳаронам, — гуфт духтари бенаво, — ду рӯз аст, ки шумо аз чизе дар ташвишед. Чӣ ҳодиса шуд? Гӯед, шояд ман ба шумо ёрӣ дода тавонам.

— Донистани ту шарт нест. Ту раву ҳезуматро чин, — гуфтанд духтарони бадавлат.

— Духтари бечораро ранҷондан чӣ лозим? – гуфт яке аз духтарон ва воқеаро нақл кард.

— Хоҳаронам, маро ҳамроҳ баред, — хоҳиш кард духтари бенаво.

Ҳама ӯро масхара карда хандиданд, вале фикр карданду духтарро ҳамроҳашон бурданд.

Духтарон вориди қаср шуданд ва ҳон пурсид:

— Ҷавоби муаммоҳои маро кӣ ёфт?

Ҳеҷ кас ҷавоб дода наметавонист. Он вақт духтари бенаво пеш баромаду гуфт:

— Хон, муаммои шуморо ман ҳал кардам. Масофаи байни шарқу ғарб якрӯза вақт аст, зеро офтоб саҳарӣ дар шарқ тулӯъ карда бегоҳӣ дар ғарб ғуруб мекунад. Масофаи байни замину осмонро бо як нигоҳ фаро гирифтан мумкин аст: чашматро боло кунӣ, осмонро мебинӣ, ба поин нигоҳ кунӣ, заминро мебинӣ. Масофаи байни росту дурӯғ чор ангушт аст — аз гӯш то чашм. Гӯшамон баъзан дурӯғро мешунавад, вале чашмамон ҳақиқатро мебинад.

Хон ва муқаррабонаш ҳайрон шуданд, зеро ҳеҷ кас гумон намекард, ки духтари бенавое аз бойдухтарон донотар бошад.

Хон гуфт:

— Ба ҳамаатон боз се муаммо мегӯям. Онҳоро ҳал кунед, баъд ман мегӯям, ки киро ба занӣ мегирам. Азоб чист, ғам чист, шармандагӣ чист?

Бойдухтарон ҷавоб дода натавонистанд, он вақт духтари камбағал гуфт:

— Султони ман, муаммоҳоро ман ҳал кардам. Азоб – ин беморист, ғам – мӯҳтоҷист, шармандагӣ – ин дуздӣ кардан аст.

Ҷавоб ба хон маъқул шуд ва он духтари бенаворо ба занӣ гирифт.

Ҳамин тавр, духтари бенавои ҳезумкаш зани хон шуд. Занаш ба хон маслиҳатҳои оқилона медод ва хон мувофиқи он амал мекард. Вале занашро огоҳ кард:

— Ғайр аз ман ба ҳеҷ каси дигар маслиҳат надеҳ!

Зан ҳам кавл дод. Вале боре зан аз раҳмдилӣ ба ҷавоне маслиҳат дода ӯро аз ҷазо халос кард.

Хон фаҳмид, ки ин кори занаш аст, вале барои боварӣ кардан ҷавонро истинтоқ намуд:

— Кӣ ба ту маслиҳат дод? Агар нагӯӣ ба дор мекашам.

Ҷавон тарсиду иқрор шуд, ки зани хон маслиҳат додааст.

Хон дар ғазаб шуду ба занаш гуфт:

— Ту қавл дода будӣ, ки ба ғайр аз ман ба ҳеҷ кас малиҳат намедиҳӣ, вале ба қавлат вафо накарда ба он ҷавон маслиҳат додӣ ва ӯро аз ҷазо халос кардӣ. Агар зани бовафои ман набошӣ, баромада рав. Ба ту иҷозат медиҳам, ки чизи аз ҳама дӯстдоштаатро ҳамроҳат бар.

— Барои саховатмандӣ аз шумо миннатдорам. Вале пеш аз он ки аз ҳам ҷудо шавем, хоҳиши охирини маро иҷро кунед: бори охирин бо ҳам хӯрок хӯрем.

Хон розӣ шуд. Зан хӯроки бомаза пухт, қумис овард. Ва ба он оҳиста доруи хобовар андохт. Хон бисёр нӯшиду маст шуда хобаш бурд.

Он вақт зан фармуд, ки аспи беҳтаринро зин кунанд. Худаш ба асп нишасту шавҳарашро ба пешаш савор кард ва аз қаср баромада рафт.

Субҳидам ҳамроҳи шавҳараш ба як шаҳри дигар расид. Ҳамин вақт хон ҳушёр шуд. Дид, ки дар шаҳри бегона аст, тарсиду аз занаш пурсид:

— Ту бо ман чӣ кор кардӣ?

— Шавҳари азизам, шумо маро аз хона рондед, вале иҷозат додед, ки ҳар чизеро аз ҳама бештар дӯст дошта бошам, ҳамонро бо худ бибарам. Ман ҳамин тавр кардам. Қасрро тарк кардам, вале шуморо ҳамроҳам гирифтам, зеро шуморо бештар аз ҳама дӯст медорам.

Хон аз ишқу муҳаббати занаш хушҳол гардида якҷоя бо ӯ ба қасраш баргашт. Аз ҳамон рӯз хон зани донояшро боз ҳам бештар дӯст дошт ва бе маслиҳати ӯ ҳеҷ кор намекард.

## ЧӮПОНПИСАРИ ЗИРАК

Дар замонҳои қадим дар деҳае пиразане зиндагӣ мекард. Вай писаре дошт, ки касбаш чӯпонӣ буд. Аз молу мулки дунё кампир харе дошту чор мурғу як чархи шикаста.

Рӯзе чӯпонписар ба модараш гуфт:

— Модарҷон, зиндагии мо дар деҳа хуб нест. Биё, ба шаҳри Ганҷа мекӯчем.

— Эҳ, писарам, — гуфт модар, — дар Ганҷа дузду фиребгарон чунон зиёданд, ки дар як мижжа задан моро ғорат мекунанд.

Вале писар исрор мекард, ки ба Ганҷа раванд.

— Ту фақат розӣ шав, — мегуфт чӯпонписар, — аз дигараш парво макун. Ман дар он ҷо чунон корҳоеро мекунам, ки зиндагиамон хуш мегузарад.

Кампир фикр карду розӣ шуд.

Чор мурғ, чархи шикастаро ба хар бор карда худи пиразан ҳам ба он савор

шуд. Ҳамин тавр, ба роҳ баромаданд: модар саворaю писар пиёда харро аз ақиб ронда мерафт.

Дар Ганҷа онҳо кулбаи вайронаеро ба иҷора гирифта ба зиндагӣ сар карданд. Вале дар шаҳр пул кор кардани чӯпон боз ҳам мушкилтар буд. Ва онҳо нимсеру нимгурусна умр ба сар мебурданд.

Боре модар ба писараш гуфт:

— Эҳ, писарам! Дар деҳа ҳамсояҳо аз ҳоламон хабар мегирифтанд, кӯмак мекарданд. Дар ин ҷо кӣ моро мешиносад? Кӣ ба мо дасти ёрӣ дароз мекунад? Мурғҳоро ба бозор бурда фурӯш, ба пулаш орд биёр.

Писарак мурғҳоро гирифту ба бозор бурд.

Раиси бозор ӯро аз роҳ нигоҳ дошту мурғҳоро кашида гирифт. Писарак аз ӯ пул хост. Раиси бозор як торсакӣ заду гуфт:

— Ана, пули мурғатро гир, қишлоқӣ!

Раис мурғҳоро гирифта ба хона рафт. Чӯпонписар ҳам пинҳонӣ аз пасаш равон шуд.

Раис ба ҳавлӣ даромада занашро ҷеғ зад ва мурғҳоро дод. Занак мурғҳоро пар канду гуфт:

— Мурғҳо фарбеҳу серравған будаанд. Онҳоро ба чанд пул харидӣ?

— Ҳар чорашро ба як шаппотӣ.

Чӯпонбача пинҳонӣ ба гапи онҳо гӯш медод.

— Имрӯз ба боғамон меҳмон меояд. Мурғҳоро пухта мон. Ман аз бозор ягон мардикор меорам. Вай ба мо хизмат мекунаду сарқутамонро меҳӯрад. Бегоҳ ӯро ба наздат мефиристам. Чизҳоеро, ки барои меҳмондорӣ лозим аст, ба ӯ бидеҳ.

Раиси бозор инро гуфту рафт. Чӯпонбача ин гапҳоро шунид. Вақте ки офтоб ғуруб мекард, писарак ба хонаи раиси бозор омаду дарвозаро кӯфт.

Занак омада дарвозаро кушод.

— Маро хоҷа фиристод, — гуфт чӯпонбача. — Фармуд, ки ду қолини калон ва ду қолини майда оварда ба таги чанор андозам. Тезтар диҳед, ки ҳозир меҳмонон меоянд.

Занак саросемавор қолинҳоро бароварда дод. Чӯпонбача онҳоро гирифту зуд ба кулбааш овард.

Модараш ҳайрон шуда пурсид:

— Ин қолинҳоро ба кадом пул харидӣ, писарам?

— Ба пули мурғҳоямон.

Баъд аз чанде чӯпонбача боз ба хонаи раиси бозор омаду гуфт:

— Хоҷа фармуд, ки мурғҳоро биёрам. Меҳмонон аллакай омаданд.

Занак зуд мурғҳои бирёнро болои лаълии нуқрагин гузошт, болояшро бо дастархони абрешимин пӯшид ва ба дасти чӯпонбача дод.

Писарак лаълиро бардошта ба хонааш овард.

— Писарам, ин мурғҳоро ба кадом пул харидӣ?

— Инҳо ҳамон мурғҳоеанд, ки ба ман барои фурӯхтан дода будӣ. Бишин, модар, хӯрок мехӯрем.

Модару писар сари лаълии нуқрагин нишастанд ва аввалин бор дар ҳаёташон шикамсерӣ таом хӯрданд.

Ҳамин лаҳзаҳо раиси бозор мардикорашро барои қолин ба хона фиристод.

Боз як соли дигар гузашт. Шоҳзода Иван ба хоҳари хурдиаш гуфт:

— Биё, ба боғ рафта сайр кунем!

Каме сайр карда буданд, ки боз абр омаду тундбод бархост.

— Биё, хоҳаракам, ба хона меравем!

Онҳо ба каср баргаштанду ҳоло ҳатто ба ҷояшон нанишаста буданд, ки раъду барқ шуду шифти хона шикоф гашт ва зоғе парида даромаду ба фарш нишасту ба ҷавони нозанине табдил шуд. Он ду ҷавони пештара хеле зебо буданд, вале ин боз ҳам нозанинтар буд.

— Шоҳзода Иван, пештар ман ба меҳмонӣ меомадам, акнун ба хостгорӣ омадам. Хоҳарат Аннаро ба ман бидеҳ.

— Ман хоҳарамро маҷбур намекунам. Агар туро дӯст дорад, бигузор ба ту шавҳар кунад.

Шоҳдухтар Анна ба зоғ шавҳар кард ва зоғ ӯро ба кишвари худаш гирифта бурд.

Шоҳзода Иван танҳо монд. Як соли дароз бе хоҳаронаш танҳо зиндагӣ карда дилтанг шуд.

Меравам, хоҳаронамро меёбам, - гуфт ба худ шоҳзода Иван.

Ба роҳ баромаду рафту рафт ва ба саҳрое расид, ки пури сарбозони кушташуда буд. Шоҳ Иван пурсид:

— Агар ягон одами зинда бошад, ҷавоб деҳ! Ин қадар лашкари зиёдро кӣ нобуд кард?

Як нафар, ки ҷон дошт, ҷавоб дод:

— Ҳамаи сарбозонро Маря Моревна нобуд кард.

Шоҳзода Иван роҳашро давом дод ва ба як хаймаи сафед расид. Ба пешвозаш Маря Моревна – шоҳдухтари нозанин баромад.

— Салом, шоҳзода, худо туро ба куҷо мебарад, бо майли худ меравӣ ё маҷбурӣ?

Шоҳзода Иван ҷавоб дод:

— Ҷавонмардон маҷбурӣ ба роҳ намебароянд!

— Хуб, агар шитоб надорӣ, меҳмони хаймаи ман бош.

Шоҳзода Иван ду рӯз меҳмони хаймаи шоҳдухтар шуда ошиқаш гашт ва ӯро ба занӣ гирифт.

Маря Моревна – шоҳдухтари нозанин – ӯро ба кишвари худаш бурд. Онҳо чанде бо ҳам зиндагӣ карданд ва шоҳдухтар нияти ба ҷанг рафтан кард. Тамоми молу мулкро ба ихтиёри Иван гузошту гуфт:

— Ҳар ҷо ки хоҳӣ, даро, вале ҳеҷ гоҳ ба таҳхона наздик нашав!

Вале ӯ тоқат накарду ҳамин ки шоҳдухтар рафт, шитобон ба таҳхона даромад ва дид, ки дар он ҷо Кашейи Ҷовидро бо дувоздаҳ занҷир баста мондаанд.

Кашей хоҳиш кард:

— Ба ман раҳм кун, каме об бидеҳ! Даҳ сол аст, ки ман ин ҷо азоб мекашам, на нон дораму на об, гулӯям аз ташнагӣ хушк шуд.

Шоҳзода як сатил об дод. Кашей обро нӯшиду гуфт:

— Бо як сатил об ташнагии ман намешиканад, боз об бидеҳ!

Шоҳзода боз як сатил об дод. Кашей нӯшиду боз як сатили дигар об хост.

Оби сатили саввумро нӯшиду қувват гирифт ва ҳамаи дувоздаҳ занҷирро порапора кард.

— Ташаккур ба ту шоҳзода Иван! – гуфт Кашей. – Акнун ту ҳеҷ гоҳ Маря Моревнаро намебинӣ, ҳамон тавре ки гӯшатро дида наметавонӣ.

Кашей мисли гирдбоди мудҳиш аз тиреза парида баромад ва дар роҳ Маря Моревнаро дошту ба манзили худаш гирифта бурд.

Шоҳзода Иван аз ғаму дард зор-зор гирист ва баъд ба роҳ баромад.

— Илоҷе карда Маря Моревнаро меёбам.

Як рӯз рафт, ду рӯз рафт ва рӯзи саввум қасри зебоеро дид. Дар назди қаср дарахти булут мерӯид, дар болои дарахт шоҳин менишаст. Шоҳин парида аз дарахт фаромад ва ба замин нишасту ба ҷавони зебое табдил ёфта фарёд зад:

— Эй, додарарӯси меҳрубонам! Ҳолу аҳволат чӣ тавр?

Дар ин вақт хоҳараш – шоҳдухтар Маря давида баромаду аз аҳволи бародараш пурсон шуд ва аз рӯзгору зиндагиаш нақл кард.

Шоҳзода Иван се рӯз меҳмони онҳо шуду баъд гуфт:

— Ман дар ин ҷо зиёд истода наметавонам, ба ҷустуҷӯи ҳамсарам меравам.

— Ёфтанаш барои ту мушкил аст, — гуфт шоҳин. – Қошуқи нуқрагинатро ба мо монда рав, то ки аз ту ёдгорӣ бошад.

Шоҳзода Иван қошуқашро ба шоҳин дод ва ба роҳ баромад.

Як рӯз рафт, ду рӯз рафт ва рӯзи саввум қасреро дид, ки аз қасри аввалӣ ҳам зеботар буд. Дар назди қаср дарахти булут мерӯид. Дар болои булут зоғ менишаст. Зоғ аз дарахт парида фаромад ва ба замин нишасту ҷавони нозанине шуд ва фарёд кашид:

— Шоҳдухтар Анна! Зуд биё, бародарамон омад!

Шоҳдухтар Анна давида баромад, бародарашро ба оғӯш гирифт ва аз ҳолу аҳволаш пурсид.

Шоҳзода Иван се рӯз меҳмони онҳо шуд ва гуфт:

— Алвидоъ, ба ҷустуҷӯи занам – Маря Моревна, шоҳдухтари нозанин меравам.

Зоғ ҷавоб дод:

— Ёфтанаш хеле мушкил аст. Тамокудонатро ба мо монда рав, то ки аз ту ёдгорӣ бошад.

Шоҳзода тамокудонашро дод ва хайрухуш карду ба роҳ баромад.

Як рӯз рафт, ду рӯз рафт ва рӯзи саввум ба назди Маря Моревна расид. Шоҳдухтар шавҳари азизашро диду сӯяш давид ва дастонашро ба гарданаш ҳалқа карду гирякунон гуфт:

— Оҳ, шоҳзода Иван, чаро ту ба гапам гӯш накардӣ, ба таххона рафтӣ ва Кашейро озод кардӣ?

— Бубахш маро, Маря Моревна! Ба гузашта салавот. Биё, ҳоло ки Кашей нест, тезтар аз ин ҷо равем, шояд гурехта тавонем.

Ва ҳар ду гурехтанд.

Ин вақт Кашей дар шикор буд. Бегоҳӣ ба хонааш бармегашту аспаш доим пешпо мехӯрд.

— Чаро ту, аспи гуруснаи беҳол, ин қадар пешпо мехӯрӣ? Ё ягон нохуширо ҳис кардӣ?

Асп гуфт:

— Шоҳзода Иван омада Маря Моревнаро бурд.

— Ба онҳо расидан мумкин аст?

— Агар гандум кишт кунем, мунтазири пухтанаш шавем, баъд дарав кунем, гандумро орд карда панҷ танӯр нон пухта ҳамаи онҳоро хӯрем, он вақт ба онҳо расида мегирем.

Кашей аспро давонду ба онҳо расид ва гуфт:

— Бори аввал туро бахшидам, чунки ба ман некӣ карда об дода будӣ. Бори дуввум ҳам мебахшам, вале бори саввум ҳушёр шав, бо шамшер зада пора-пора мекунам!

Маря Моревнаро аз Иван кашида гирифту бо худаш бурд.

Шоҳзода ба рӯи санг нишасту гирист.

Зор - зор гиристу боз ба сӯи Маря Моревна равон шуд.

Кашей дар хонааш набудааст.

— Биё, зуд равем, Маря Моревна!

— Оҳ, шоҳзода Иван! Кашей моро боз дастгир мекунад.

— Бигузор, дастгир кунад. Ақаллан як – ду соатро бо ҳам мегузаронем.

Хестанду бо ҳам рафтанд. Кашей ба хонааш бармегашт, аспаш доимо пешпо мехӯрд.

— Чаро ту, аспи беҳолу гурусна ин қадар пешпо мехӯрӣ? Ё ягон нохуширо ҳис кардӣ?

— Шоҳзода Иван омада Маря Моревнаро бурд.

— Онҳоро дастгир кардан мумкин аст?

— Агар ҷав корему мунтазири пухтанаш шавем, баъд дарав карда, кӯфта обҷав пазем, онро нӯшида маст шавем, баъд хобида, аз хоб сер шуда хезему ба таъқибашон бароем, онҳоро дастгир мекунем.

Кашей аспро давонду шоҳзода Иванро дастгир кард ва гуфт:

— Ман ба ту гуфта будам, ки дигар Маря Моревнаро намебинӣ.

Боз Маря Моревнаро бо худаш бурд.

Шоҳзода Иван танҳо монда зор – зор гирист ва боз ба назди Маря Моревна рафт. Он вақт Кашей дар хонааш набудааст.

— Биё равем, Маря Моревна!

— Оҳ, шоҳзода Иван! Кашей туро дастгир карда пора-пора мекунад.

— Бигузор, пора-пора кунад! Ман бе ту зиндагӣ карда наметавонам.

Онҳо якҷоя гурехтанд.

Кашей ба хонааш бармегашт, аспаш доимо пешпо мехӯрд.

— Чаро ту пешпо мехӯрӣ? Ё ягон нохуширо ҳис кардӣ?

— Шоҳзода Иван омада Маря Моревнаро бо худ гирифта бурд.

Кашей аспашро давонду шоҳзода Иванро дастгир карда пора - пора намуд ва ба даруни бӯшка андохту бо ҳалқаи оҳанин маҳкам кард ва ба баҳр партофт. Баъд Маря Моревнаро гирифта рафт.

Ҳамин вақт дар хонаи домодҳои шоҳзода Иван нуқраҳо сиёҳ шуданд.

— Оҳ, — гуфтанд онҳо, — бадбахтие рӯй дод!

Уқоб ба сӯи баҳр парвоз карда рафт ва бӯшкаро аз об бардошта баровард. Шоҳин оби зинда ва зоғ оби мурда оварданд.

Онҳо якҷоя бӯшкаро шикастанд, шоҳзодаи пора-пораро аз он бароварданд,

тоза шустанд ва пораҳоро якҷо карданд. Зоғ оби мурда пошид – пораҳо ба ҳам часпиданд. Шоҳин оби зинда пошид – Иван ба ҷунбиш даромад, баъд аз ҷояш бархесту гуфт:

— Оҳ, чӣ қадар бисёр хобидаам!

— Агар мо намебудем, боз зиёдтар мехобидӣ, — гуфтанд домодҳо. – Акнун биё, меҳмони мо шав.

— Не, бародарон! Ман ба ҷустуҷӯи Маря Моревна меравам.

Баъд ба назди Маря Моревна омаду гуфт:

— Аз Кашей бипурс, ки чунин аспи аҷобиро аз куҷо ёфтааст.

Маря Моревна фурсати муносибе ёфта пурсид.

Кашей гуфт:

— Дуртар аз бисту ҳафт кишвар, дар мамлакати сивум Аҷуз-кампир зиндагӣ мекунад. Вай байтале дорад, ки ҳар рӯз ба он савор шуда дунёро давр мезанад. Бисёр аспҳои дигар ҳам дорад. Ман се рӯз чӯпони ӯ будам. Аспҳоро хуб нигоҳубин кардам, барои ин кампир ба ман як тойча тӯҳфа кард.

— Аз дарёи оташин чӣ тавр гузаштӣ?

— Ман як рӯймол дорам. Агар онро ба тарафи рост се бор афшонам, кӯпруки баланде пайдо мешавад, ки оташ ба он намерасад.

Маря Моревна ин гапҳоро ба Иван расонд. Ва рӯймолро ҳам бурда дод.

Шоҳзода Иван аз дарёи оташин гузашт ва ба сӯи манзили Аҷуз-кампир рафт. Вай дурудароз нахӯрдаю нанӯшида роҳ паймуд. Дар роҳ бо паррандаи аҷибе аз он сӯи укёнус омада, ки якчанд чӯҷа дошт, вохӯрд.

— Якто чӯҷаро мехӯрам!

— Нахӯр шоҳзода Иван, — зорӣ кард парранда. — Ягон рӯз ман ба ту лозим мешавам.

Иван чӯҷаро нахӯрда роҳашро давом доду дар беша лонаи занбӯри асалро дид.

— Ҳамин асалро мехӯрам, — гуфт шоҳзода Иван.

Модарзанбӯр гуфт:

— Асали маро нахӯр. Ягон рӯз ман ба ту лозим мешавам.

Вай асалро нахӯрда роҳашро давом дод. Як модашер бо бачаҳояш дучор омад.

— Ҳамин шербачаро мехӯрам, сахт гурусна мондам.

— Бачаи маро нахӯр. Ягон рӯз ман ба ту лозим мешавам.

— Майлаш, гуфти ту шавад.

Шоҳзода бо шиками гурусна дурудароз роҳ паймуд ва ниҳоят ба хонаи Аҷуз-кампир расид. Дар атрофи хона дувоздаҳ чӯб рост карда шуда буд. Ба ёздаҳтои он сари одам хаста шуда буд, фақат дувоздаҳумаш холӣ буд.

— Салом, бибӣ!

— Салом, шоҳзода Иван! Бо ихтиёри худат омадӣ, ё ба маҷбурӣ?

— Омадам, ки ба ту хизмат кунаму як аспи паҳлавонӣ гирам.

— Хуб, шоҳзода, хизмати ман яксола нест, фақат серӯза аст. Агар аз ӯҳдаи нигоҳубини байталҳои ман баройӣ, ба ту як асп медиҳам, агар набаройӣ, хафа нашав, саратро ба чӯби дувоздаҳум хаста мемонам.

Иван розӣ шуд.

















Кампир ба ӯ нону об доду баъд фармуд, ки ба кор сар кунад. Ҳамин ки байталҳоро ба саҳро баровард, онҳо ба чор тараф пароканда шуда рафтанд. Дар як лаҳза онҳо аз назар ғоиб шуданд. Шоҳзода ғамгин шуда гиристу ба болои санг нишаст ва хобаш бурд. Офтоб дар паси ҷангал пинҳон шуд. Шер давида омада гуфт:

— Бархез, шоҳзода! Байталҳоро ҷамъ кардам.

Иван хесту рафт. Кампир ба аспон дод зад:

— Чаро ба хона баргаштед?

— Чӣ тавр барнагардем? Ҳайвонҳои ваҳшӣ аз чор тараф ҳуҷум карда моро қариб пора-пора мекарданд.

— Фардо ба баҳри кабуд дароед.

Шоҳзода Иван шабро рӯз карду саҳарӣ кампир ӯро боз ба чаронидани байталҳо фиристод.

— Агар яктоаш гум шавад, саратро ба чӯб меовезам.

Шоҳзода аспҳоро ба чарогоҳ бурд. Онҳо зуд пароканда шуда ба баҳр даромаданд. Иван ба болои санг нишаста гирист ва хобаш бурд. Офтоб дар паси ҷангал пинҳон шуд. Ҳамин вақт занбӯри асал парида омаду гуфт:

— Бархез, шоҳзода. Аспҳоро ҷамъ кардем. Ба хона баргарду ба чашми Аҷуз-кампир нанамо. Ба аспхона даромада пинҳон шав. Дар он ҷо тойчаи гаргине ҳаст, ки ба саргин олуда хобидааст.

Иван бархост ва рафта дар оғил пинҳон шуд. Аҷуз-кампир ба байталҳояш дод мезад:

— Чаро баргаштед?

— Чӣ тавр барнагардем? Аз тамоми дунё занбӯрҳо ҷамъ шуда ба мо ҳамла оварданд ва газида хуншор карданд.

Вақте ки хоби кампир бурд, нисфишабӣ шоҳзода тойчаро дуздид, зин зада савор шуд ва ба сӯи дарёи оташин шитобид. То дарё расида се бор рӯймолчаашро ба тарафи рост афшонд ва дар болои дарё кӯпруки баланде пайдо шуд.

Шоҳзода аз кӯпрук гузашту рӯймолчаашро ба тарафи чап ду бор афшонд – кӯпруки болои дарё борику нозук шуд.

Саҳар Аҷуз-кампир аз хоб бедор шуду тойчаи гаргинро дар ҷояш надид. Ва ҳамоно ба таъқиб сар кард.

Ба дарёи оташин расида, ба кӯпрук нигоҳ кард ва гуфт:

— Кӯпруки хуб! – Ва ба ними кӯпрук расида буд, ки кӯпрук шикаст ва Аҷуз-кампир ба дарёи оташ афтода нобуд шуд.

Шоҳзода тойчаи гаргинро дар сабзазор чаронд ва он ба аспи зебое табдил ёфт.

Шоҳзода ба назди Маря Моревна омад. Вай ба пешвозаш давида баромад ва гуфт:

— Туро худо чӣ тавр зинда кард?

Шоҳзода саргузашташро нақл карду гуфт:

— Акнун биё, бо ҳам меравем.

— Метарсам, шоҳзода! Агар Кашей дастгир кунад, туро боз пора-пора мекунад.

— Не, дастгир карда наметавонад. Ман акнун аспи мӯъҷизавӣ дорам, мисли парранда парвоз мекунад.

Онҳо савори асп шуданду рафтанд.

Кашей ба хонааш бармегашту аспаш пешпо мехӯрд.

— Чаро ту аспи беҳолу гурусна пешпо мехӯрӣ? Ё ягон нохушие ҳис кардӣ?

— Шоҳзода Иван омада шоҳдухтар Маря Моревнаро бурд.

— Ба онҳо расидан мумкин аст?

— Худо медонад! Акнун шоҳзода аспе дорад, ки аз ман беҳтар аст.

— Не, ман тоқат надорам, мераваму онҳоро дастгир мекунам.

Дер буд ё зуд – ба ҳар ҳол, Кашей ба шоҳзода расид ва хост, ки бо шамшери тезаш ӯро пора кунад, вале аспи шоҳзода Иван Кашейро чунон бо сумаш зад, ки ҳамоно мағзи сараш баромад ва шоҳзода Иван бо гурз ӯро зада кушт.

Баъд Иван ҳезум оварда гулхани калоне афрӯхт ва ҷасади Кашейро сӯхта хокистарашро ба бод дод.

Маря Моревна ба аспи Кашей, шоҳзода ба аспи худаш савор шуда, аввал ба меҳмонии зоғ, баъд ба меҳмонии уқоб, сипас, ба меҳмонии шоҳин рафтанд.

Ҳар ҷое, ки раванд, онҳоро бо хушӣ пешвоз мегирифтанд.

— Оҳ, шоҳзода Иван, мо гумон кардем, ки дигар туро намебинем. Ин ҳама азоби ту беҳуда набудааст: чунон нозанине мисли Маря Моревна дигар дар дунё ёфт намешавад.

Меҳмонӣ ҳам тамом шуду онҳо боз ба хонаи худ баргаштанд ва хушу хурсандона умр ба сар burданд.

# ХОНЗОДА ВА ДУХТАРИ ДОНО

Буд – набуд, хони пире буд. Вай фақат як писар дошт, вале он ҳам нодон буд. Хон аз ин ҳол ғамгин мешуд. "Баъди марги ман чӣ мешавад, — фикр мекард хон, — охир, писарам давлатро идора карда наметавонад, кошки барои писарам зани оқилу доное меёфтам!"

Боре хон ба писараш гуфт:

— Писарам, агар баъд аз сари ман хон шудан хоҳӣ, ба сафар баро, ҷустуҷӯ карда бузғолаи даҳсола, гурги бистсола, рӯбоҳи сисола, бабри чилсола, саги панҷоҳсола, шутури шастсоларо пайдо кун. Ҳамаи онҳоро ба ман биёр. То наёбӣ, барнагард!

Хонзодаи нодон ба ҷустуҷӯ рафт. Деҳа ба деҳа, шаҳр ба шаҳр гашта фарёд мезад.

— Кӣ бузғолаи даҳсола дошта бошад, мехарам. Гурги бистсола мехарам! Рӯбоҳи сисола, бабри чилсола, саги панҷоҳсола, шутури шастсола мехарам!

Мардум ба ҳоли писари хон механдиданд. "Ин нодон чӣ мехоҳад? Магар

бузғола даҳсола мешавад? бузғолаи даҳсола бузи пир аст! Кӣ гурги бистсола дорад? Синну соли гургро аз куҷо мефаҳмӣ? Рӯбоҳи сисола, бабри чилсола, саги панҷоҳсола, шутури шастсола чӣ маънӣ дорад? Магар ин ҳайвонот чунин умри дароз мебинанд? Умри онҳоро чӣ тавр муайян мекунӣ?"

Дар назди ҳавлӣ як духтаре менишаст. Вай пурсид:

— Ту чӣ мехоҳӣ,ҷавон?

Хонзода супориши падарашро баён кард. Духтар гуфт:

— Падарат ақлу фаросати туро санҷидан хостааст. Бузғолаи даҳсола – ин кӯдаки даҳсола аст. Дар ин синну сол кӯдак мисли бузғола ҷастухез мекунад. Гурги бистсола – ин ҷавони бистсолаи бақувват ва ҳамеша мисли гург гурусна аст. Рӯбоҳи сисола – ин марди сисола аст. Дар ин синну сол ақлу хирадаш комил мешавад ва ба рӯбоҳи маккор монанд аст. Бабри чилсола – ҷавонмарди чилсола аст. Вай дар авҷи камолот буда мисли бабр тавоною пурқувват аст. Саги панҷоҳсола одами панҷоҳсола аст. Дар ин синну сол одам пулу мол ҷамъ карда шабу рӯз онро нигоҳбонӣ мекунад. Шутури шастсола одами шастсола мебошад, чашмонаш хира мешаванд, ӯро мисли шутур аз лаҷомаш гирифта раҳнамой кардан лозим аст.

Писари хон ба хонааш баргашт. Падараш пурсид:

— Чизҳоеро, ки ман фармуда будам, ёфтӣ?

— Бале, падар, ёфтам. – Ва хонзода ҳамаи гуфтаҳои духтарро ба хон нақл кард.

— Инҳоро бо ақли худат ёфтӣ, ё ягон кас ёрӣ дод?

— Ин гапҳоро ба ман як духтар ёд дод.

— Духтари доно будааст. Бигузор, он духтар зани ту шавад.

Духтари доно зани хонзода шуд. Баъд аз сари хон писараш ба тахт нишаст ва занаш ба ӯ дар кори давлатдорӣ ёрӣ медод.

# Мирҷони нозанин ва султони кишвари зериобӣ

Буд – набуд зани бечорае буд. Вай духтари яккаю ягонае дошт, ки номаш Мирҷон буд. Мирҷон духтари зеботарини он иқлим буд.

Як рӯзи гарми тобистон духтарони деҳа ба оббозӣ рафтанд ва Мирҷонро низ ҳамроҳашон ба дарё бурданд. Ҳамаи духтарон либос кашида ба дарё даромаданд. Духтарон ба дугонаашон Мирҷон гуфтанд:

— Ту чӣ хел нозанинӣ, Мирҷон! Агар хон туро медид, чунин мегуфт: "Нури чашмонам, Мирҷон, тамоми симу зар, хазинаамро ба ту мебахшам. Зани ман бош!"

Мирҷон шарм дошта сар хам карду гуфт:

— Чаро шумо ин тавр шӯхӣ мекунед, дугонаҳо? Хон ба сӯи ман нигоҳ ҳам намекунад. Охир, ман дар авул аз ҳама бенавотарам.

Мирҷон ин суханро гуфта буд, ки ногаҳон оби дарё ба туғён даромад ва аз қаър садои раъдмонанде ба гӯш расид:

— Нури чашмонам, Мирҷон! Тамоми симу зар, хазинаамро ба ту мебахшам. Зани ман бош!

Духтарон аз тарс доду фарёд кашида гурехта рафтанд. Мирҷон дар канори дарё танҳо монду ба атроф нигарист ва дид, ки дар назди либосаш мори бузурге ҳалқа зада хобидааст. Мор аз Мирҷон чашм намеканд.

— Нури чашмонам, Мирҷон! – гуфт мор, — ман султони кишвари зериобӣ ҳастам. Туро аз ҷонам ҳам бештар дӯст медорам. Зани ман шав. Қасри булӯринамро ба ту мебахшам. Қавл деҳ, ки зани ман мешавӣ, он вақт либосатро медиҳам. Агар нахоҳӣ, либосатро ба қаъри дарё гирифта меравам, он вақт дар назди мардум шарманда мешавӣ.

Мирҷон аз тарсу ҳарос ларзида, дасту по хӯрда қавл дод, ки зани мор мешавад. Мор ҳамон замон аз назар ғоиб шуд. Духтар либосашро пӯшиду аз паси дугонаҳояш давида рафт. Ба юрта давида даромаду назди модараш афтид ва ба гиряю нола сар кард.

— Ба ту чӣ шуд, ҷонам? – пурсид модари бечора, — ки туро ранҷонд?

Мирҷон воқеаро нақл кард.

— Акнун чӣ кор кунам? Ман қавл додам. Магар ба қавл вафо накардан мумкин аст?

Модар сари духтарашро сила карда тасалло медод:

— Ором бош, духтаракам. Мори бадҳайбат ба назарат намудагист. Чунин мор вуҷуд надорад. Дар хона бишину берун набаро.

Як ҳафта гузашт. Мирҷон андаке хушҳол шуд. Модараш ӯро аз хона як қадам дур шудан намемонд ва худаш ҳам ба ҷое намерафт.

Шоҳ гуфт:

— Раву худат арӯсро интихоб кун!

Шоҳзода ба роҳ баромад. Ба шаҳру деҳоти зиёде сафар кард, вале арӯси дилхоҳ ёфта натавонист. Ва ниҳоят, дар як деҳаи нимвайронае, дар хонаи бенавое духтари соҳибҷамолеро дид, ки дар зебоӣ яктои олам буд. Шоҳзода бо як нигоҳ ошиқи шайдои он нозанин гардид. Ва ба ӯ гуфт:

— Мехоҳам, ки ту зани ман бошӣ!

Духтар пурсид:

— Ҳунарат чист?

— Ҳунар надорам, ман шоҳзода ҳастам.

— Беҳунар бадбахт аст! – гуфт духтар. – Шоҳзода будан ҳунар нест. Имрӯз шоҳ ҳастӣ, фардо – не! Он вақт нонатро чӣ тавр ёфта мехӯрӣ? Раву ягон ҳунар биёмӯз, он вақт зани ту мешавам.

Шоҳзода ғамгин шуд, намедонист, ки кадом ҳунарро зудтар биёмӯзад. Ба назди падараш омаду гуфт:

— Арӯсро интихоб кардам. Духтари аз ӯ зеботар дар дунё нест. Вале ӯ гуфт, ки то ҳунареро ёд нагирам, зани ман намешавад. Ман ғайр аз ин духтар каси дигареро ба занӣ намегирам. Ёрдам кунед, падар, то ки зудтар ягон ҳунарро ёд гирам.

Шоҳ тамоми ҳунармандонро чеғ зад. Дуредгарон, мӯзадӯзон, хайётон, бинокорон омаданд.

Шоҳ аз дуредгар пурсид:

— Ту дар чанд вақт ҳунаратро ба шоҳзода омӯхта метавонӣ?

— Дар панҷ сол, - ҷавоб дод дуредгар.

— О, дар панҷ сол арӯси ман ба дигар кас шавҳар мекунад, — гуфт шоҳзода.

Шоҳ ба дигар ҳунармандон низ ҳамон саволро дод.

Мӯзадӯз гуфт:

— Дар чор сол!

Бинокор гуфт:

— Дар се сол!

Ниҳоят як мӯйсафед пеш баромаду гуфт:

— Ман намад мемолам ва аз он ҷомаи намадин медӯзам. Ҳунарамро ба шоҳзода дар се рӯз меомӯзам.

Шоҳзода хурсанд шуду ба назди устои ҷомадӯз рафт ва дар се рӯз намад молидан ва аз он ҷома дӯхтанро ёд гирифт. Баъд боз ба назди он духтар рафт.

— Бсз чаро омадӣ? — пурсид духтар.

— Ба хостгорӣ омадам.

— Ҳунар омӯхтӣ?

— Ҷомадӯзиро ёд гирифтам.

— Ин ҳам ҳунари даркорӣ аст. Ба ту шавҳар мекунам!

Онҳо зану шавҳар шуданду хурсандона умр ба сар бурданд. Рӯзе расиду шоҳ аз олам даргузашт. Шоҳзода ба тахти подшоҳӣ нишаст. Рӯзе хост, ки ба шаҳр барояду бо зиндагии мардум шинос шавад. Либоси оддие пӯшиду ба шаҳр баромад. Чанд соат сайр карду ниҳоят гурусна монд. Хост, ки хӯроке бихӯрад ва ба ошхонае даромад.

— Ба ман хӯрок биёред, — гуфт шоҳи ҷавон.

Ба ӯ хӯрок оварданд, иззату икром карданд. Баъд ба назди таҳхона оварданду дарро кушоданд. Бояд гуфт, ки дар ошхона ҳама роҳзанон буданд.

— Дар таҳхона чӣ ҳаст? — пурсид шоҳ.

— Рав, худат бин, — гуфтанд роҳзанон ва шоҳро ба таҳхона тела доданд.

Шоҳ ба атроф нигаристу дид, ки дар он ҷо боз се нафари дигар ҳам ҳастанд.

— Чаро шумо дар ин ҷо нишастаед? – пурсид шоҳ. – Шуморо чӣ кор мекунанд?

— Моро ин роҳзанон мекушанд, — ҷавоб доданд асирон. — Ба ту низ раҳм намекунанд!

Роҳзанон он се нафарро куштанд. Навбати шоҳ расид. Ӯ ба роҳзанон гуфт:

— Маро накушед! Ман бароятон чунон ҷомае медӯзам, ки онро ба ҳазор туман мефурӯшед! Онро гирифта ба назди шаҳбону мебаред, вай зуд ба шумо ҳазор туман дода ҷомаро мехарад.

Роҳзанон хурсанд шуданд. Пашм оварданд. Шоҳ ҷомаи намадин дӯхту онро ба нақшу нигор оро дод ва дар байни нақшу нигор чунин суханонро дӯхт: "Маро роҳзанон асир гирифтанд. Ҳоло дар таҳхонаи фалон ошхона ҳастам. Агар то ду рӯз ба ёрӣ наоед, маро мекушанд".

Яке аз роҳзанон ҷомаро гирифту ба қаср овард ва хост, ки ба шаҳбону фурӯшад. Шаҳбону ҷомаро гирифту аз назар гузаронд, суханони шоҳро хонд ва ҳазор туман доду роҳзанро ҷавоб дод. Баъд сарбозонро ҷеғ заду аз паси роҳзан рафт, то ки шавҳарашро озод намояд. Сарбозон ба назди роҳзанон омаданд ва ҳамаи онҳоро зада нобуд карданд. Сипас, ба таҳхона даромада шоҳро озод карданд ва ба назди шаҳбону оварданд. Шаҳбону ба шоҳ гуфт:

— Агар ҳунар намедоштӣ, аз дасти роҳзанон халос шуда наметавонистӣ ва онҳо туро мекуштанд.

— Рост гуфтӣ, — ҷавоб дод шоҳ, — агар ҳунар намедоштам, зинда монданам гумон буд! Фақат ҳунар маро наҷот дод!

## ҶОМА МОЛИ КИСТ?

Замоне дар деҳа се бародар зиндагӣ мекарданд. Онҳо фақат як хоҳар доштанд, ки дар зебоӣ яктои замон буд. Бародарон метарсиданд, ки ягон ҷавоне хоҳарашонро мебинаду дуздида меравад. Бинобар он хоҳарашонро дар манораи баланди сангине пинҳон медоштанд.

Боре бародарон ба шикор рафтанӣ шуданду ба модарашон гуфтанд:

— Модар, хоҳари моро эҳтиёт кунед!

— Хуб, — гуфт модар, — парешон нашавед, ҳеҷ кас ӯро намедуздад!

Бародарон рафтанд. Баъд аз чанде модар ба манора баромад, то ки ба духтараш хӯрок диҳад. Ҳамон замон аз куҷое аждаҳое парида омада духтарро бардошту парида рафт.

Шоҳ гуфт:

— Раву худат арӯсро интихоб кун!

Шоҳзода ба роҳ баромад. Ба шаҳру деҳоти зиёде сафар кард, вале арӯси дилхоҳ ёфта натавонист. Ва ниҳоят, дар як деҳаи нимвайронае, дар хонаи бенавое духтари соҳибҷамолеро дид, ки дар зебоӣ якто и олам буд. Шоҳзода бо як нигоҳ ошиқи шайдои он нозанин гардид. Ва ба ӯ гуфт:

— Мехоҳам, ки ту зани ман бошӣ!

Духтар пурсид:

— Ҳунарат чист?

— Ҳунар надорам, ман шоҳзода ҳастам.

— Беҳунар бадбахт аст! – гуфт духтар. – Шоҳзода будан ҳунар нест. Имрӯз шоҳ ҳастӣ, фардо – не! Он вақт нонатро чӣ тавр ёфта мехӯрӣ? Раву ягон ҳунар биёмӯз, он вақт зани ту мешавам.

Шоҳзода ғамгин шуд, намедонист, ки кадом ҳунарро зудтар биёмӯзад. Ба назди падараш омаду гуфт:

— Арӯсро интихоб кардам. Духтари аз ӯ зеботар дар дунё нест. Вале ӯ гуфт, ки то ҳунареро ёд нагирам, зани ман намешавад. Ман ғайр аз ин духтар каси дигареро ба занӣ намегирам. Ёрдам кунед, падар, то ки зудтар ягон ҳунарро ёд гирам.

Шоҳ тамоми ҳунармандонро ҷеғ зад. Дуредгарон, мӯзадӯзон, хайётон, бинокорон омаданд.

Шоҳ аз дуредгар пурсид:

— Ту дар чанд вақт ҳунаратро ба шоҳзода омӯхта метавонӣ?

— Дар панҷ сол, - ҷавоб дод дуредгар.

— О, дар панҷ сол арӯси ман ба дигар кас шавҳар мекунад, — гуфт шоҳзода.

Шоҳ ба дигар ҳунармандон низ ҳамон саволро дод.

Мӯзадӯз гуфт:

— Дар чор сол!

Бинокор гуфт:

— Дар се сол!

Ниҳоят як мӯйсафед пеш баромаду гуфт:

— Ман намад мемолам ва аз он ҷомаи намадин медӯзам. Ҳунарамро ба шоҳзода дар се рӯз меомӯзам.

Шоҳзода хурсанд шуду ба назди устои ҷомадӯз рафт ва дар се рӯз намад молидан ва аз он ҷома дӯхтанро ёд гирифт. Баъд боз ба назди он духтар рафт.

— Бсз чаро омадӣ? — пурсид духтар.

— Ба хостгорӣ омадам.

— Ҳунар омӯхтӣ?

— Ҷомадӯзиро ёд гирифтам.

— Ин ҳам ҳунари даркорӣ аст. Ба ту шавҳар мекунам!

Онҳо зану шавҳар шуданду хурсандона умр ба сар бурданд. Рӯзе расиду шоҳ аз олам даргузашт. Шоҳзода ба тахти подшоҳӣ нишаст. Рӯзе хост, ки ба шаҳр барояду бо зиндагии мардум шинос шавад. Либоси оддие пӯшиду ба шаҳр баромад. Чанд соат сайр карду ниҳоят гурусна монд. Хост, ки хӯроке бихӯрад ва ба ошхонае даромад.

— Ба ман хӯрок биёред, — гуфт шоҳи ҷавон.

Ба ӯ хӯрок оварданд, иззату икром карданд. Баъд ба назди таҳхона оварданду дарро кушоданд. Бояд гуфт, ки дар ошхона ҳама роҳзанон буданд.

— Дар таҳхона чӣ ҳаст? — пурсид шоҳ.

— Рав, худат бин, — гуфтанд роҳзанон ва шоҳро ба таҳхона тела доданд. Шоҳ ба атроф нигаристу дид, ки дар он ҷо боз се нафари дигар ҳам ҳастанд.

— Чаро шумо дар ин ҷо нишастаед? – пурсид шоҳ. – Шуморо чӣ кор мекунанд?

— Моро ин роҳзанон мекушанд, — ҷавоб доданд асирон. — Ба ту низ раҳм намекунанд!

Роҳзанон он се нафарро куштанд. Навбати шоҳ расид. Ӯ ба роҳзанон гуфт:

— Маро накушед! Ман бароятон чунон ҷомае медӯзам, ки онро ба ҳазор туман мефурӯшед! Онро гирифта ба назди шаҳбону мебаред, вай зуд ба шумо ҳазор туман дода ҷомаро мехарад.

Роҳзанон хурсанд шуданд. Пашм оварданд. Шоҳ ҷомаи намадин дӯхту онро ба нақшу нигор оро дод ва дар байни нақшу нигор чунин суханонро дӯхт: "Маро роҳзанон асир гирифтанд. Ҳоло дар таҳхонаи фалон ошхона ҳастам. Агар то ду рӯз ба ёрӣ наоед, маро мекушанд".

Яке аз роҳзанон ҷомаро гирифту ба қаср овард ва хост, ки ба шаҳбону фурӯшад. Шаҳбону ҷомаро гирифту аз назар гузаронд, суханони шоҳро хонд ва ҳазор туман доду роҳзанро ҷавоб дод. Баъд сарбозонро ҷеғ заду аз паси роҳзан рафт, то ки шавҳарашро озод намояд. Сарбозон ба назди роҳзанон омаданд ва ҳамаи онҳоро зада нобуд карданд. Сипас, ба таҳхона даромада шоҳро озод карданд ва ба назди шаҳбону оварданд. Шаҳбону ба шоҳ гуфт:

— Агар ҳунар намедоштӣ, аз дасти роҳзанон халос шуда наметавонистӣ ва онҳо туро мекуштанд.

— Рост гуфтӣ, — ҷавоб дод шоҳ, — агар ҳунар намедоштам, зинда монданам гумон буд! Фақат ҳунар маро наҷот дод!

## ҶОМА МОЛИ КИСТ?

Замоне дар деҳа се бародар зиндагӣ мекарданд. Онҳо фақат як хоҳар доштанд, ки дар зебоӣ яктои замон буд. Бародарон метарсиданд, ки ягон ҷавоне хоҳарашонро мебинаду дуздида меравад. Бинобар он хоҳарашонро дар манораи баланди сангине пинҳон медоштанд.

Боре бародарон ба шикор рафтанӣ шуданду ба модарашон гуфтанд:

— Модар, хоҳари моро эҳтиёт кунед!

— Хуб, — гуфт модар, — парешон нашавед, ҳеҷ кас ӯро намедуздад!

Бародарон рафтанд. Баъд аз чанде модар ба манора баромад, то ки ба духтараш хӯрок диҳад. Ҳамон замон аз куҷое аждаҳое парида омада духтарро бардошту парида рафт.

Модар аз ғам гиряю нола кард, гирист, вале духтарашро халос карда натавонист. Бародарон ба хона баргаштанд. Модар гуфт:

— Фарзандонам, ман медонам, ки шумо дар деҳа аз ҳама ҷасур ва нотарс ҳастед. Бигӯед, ки агар бадбахтие ояд, ҳар кадоми шумо чӣ чора карда метавонед?

Бародари калонӣ гуфт:

— Дар дунё чизе нест, ки ман ёфта натавонам. Агар он аз сӯзан хурдтар бошад ҳам меёбам ва чунон гирифта меравам, ки касе хабардор намешавад.

Бародари миёна гуфт:

— Ман ҳар ҳайвону ҳар паррандаеро чӣ дар замину чӣ дар осмон ба як тир зада мекушам.

Бародари хурдӣ гуфт:

— Ман ҳар чиро, ки аз ҳаво афтад – ҳар қадар вазнин бошад ҳам – дошта дар дастам нигоҳ медорам.

Он вақт модар гуфт:

— Бисёр хуб, ин тавр бошад, ман ба шумо бадбахтии ба сарамон омадаро нақл мекунам. Хоҳаратонро аждаҳо дуздида бурд…

Бародарон ҳамоно ба ҷустуҷӯи хоҳарашон рафтанд. Онҳо қасам хӯрданд, ки то хоҳарашонро наёбанд, ба хона барнамегарданд.

Онҳо рӯзу шаб роҳ паймуданд, аз баҳру бар, кӯҳу кӯтал гузаштанд ва ниҳоят ба ҷангали ғуллие расиданд.

— Аждаҳо дар ҳамин ҷангал зиндагӣ мекунад, — гуфт бародари калонӣ.

Бародарон ба ҷангал даромаданд. Дар ин беша нӯги дарахтон ба осмон мерасид, шохи онҳо ба ҳамдигар печида буданд. Бародарон дар ялангие хоҳарашонро диданд, ки ғамгинона менишаст. Дар наздаш аждаҳои калоне ҳалқа зада хобида духтарро посбонӣ мекард.

Бародари калонӣ чолокона ба паси аждаҳо гузашт ва сангеро ба як тараф партофт. Аждаҳо сарашро ба ҳамон тараф гардонд. Бародари калонӣ маҳз ҳаминро мехост: вай бо як ҷаҳиш хоҳарашро бардошту гирифта бурд. Аждаҳо инро ҳатто пай набурд. Бародарон роҳи хонаашонро пеш гирифтанд.

Аждаҳо баъд аз чанде дид, ки духтар гум шудааст. Вай аз паси бародарон давид. Ба онҳо расида гирифту духтарро бардошта ба ҳаво парид.

— Ҳеҷ гап не, — гуфт бародари мобайнӣ, — дур рафта наметавонад.

Вай сари аждаҳоро нишон гирифта тире зад. Аждаҳо фашшос заду чанголашро боз кард. Духтар мисли санг ба сӯи замин рафт. Бародари миёна духтарро дошту беозор ба замин гузошт.

Ҳамин тавр, бародарон хоҳарашонро халос карда ба хонаашон ба назди модарашон баргаштанд.

Модар ҷомаи зебое дӯхта буд. Ин ҷомаро модар ба ҳамон писараш додан мехост, ки барои халосии хоҳараш бештар аз дигарон заҳмат кашидааст.

— Фарзандонам, — гуфт модар, — ҷомаро ба кадоматон бахшам?

Бародари калонӣ гуфт:

— Ба ман бахш! Агар ман намебудам, дигар бародаронам хоҳарамонро ёфта наметавонистанд! Агар тасодуфан ёбанд, ҳам, аз дусар ӯро аз назди аждар дуздида наметавонистанд. Агар ман намебудам, хоҳарамон нобуд мешуд.

Бародари миёна гуфт:

— Рост аст, дар рӯи замин ман бо аждар ҷангида натавонистам. Вале вақте ки аждар хоҳарамонро гирифта ба осмон парид, ғайр аз ман ӯро кӣ кушта ва хоҳарамонро халос карда метавонист? Агар ман аждарро намекуштам, ҳоло хоҳари мо дар наздамон намебуд! Пас, ҷома моли ман аст.

— Не, — гуфт бародари хурдӣ, — ҷома ҳақи ман аст. Вақте ки хоҳарамон аз осмон ба замин меафтид, ман ӯро аз марг наҷот додам. Агар ман ӯро дошта намегирифтам, ба замин афтода нобуд мешуд.

Модар сухани фарзандонашро гӯш карду гуфт:

— Агар ту намебудӣ, писари калониам, бародаронат хоҳаратро ёфта наметавонистанд. Агар меёфтанд, аз дасти аждар рабуда наметавонистанд. Бе ту, писари миёнаам, бародаронат аждаҳоро дар ҳаво кушта наметавонистанд. Агар ту намебудӣ, писари хурдиам, хоҳарат ҳангоми ба замин афтоданаш, ҷон ба саломат намебурд. Ва хоҳаратонро шумо фақат барои он халос карда тавонистед, ки ҳамаатон якҷоя ва аҳлона амал кардед! Ман бояд боз дуто ҷомаи дигар дӯзам!

# НАСИҲАТИ ПАДАР

Замоне шоҳи золиму бадкирдоре зиндагӣ мекард. Ин шоҳ боре фармон баровард, ки мӯйсафедони аз кор мондаро писаронашон бояд ба ҷангал бурда партоянд, то ки онҳо дар ҷангал бимиранду дар мамлакат нон бештар монад.

Боре дар фасли зимистон деҳқоне падарашро дар чана бор карду ба беша бурд. Писараки он деҳқон ҳам аз паси падару бобояш омад. Вақте ки онҳо ба ҷангали анбӯҳ расиданду деҳқон хост, ки падарашро дар ҳамон ҷо гузошта баргардад, писарбача гуфт:

— Падар, чанаро напарто, гирифта ба хона бар, лозим мешавад!

— Чанаро чӣ кор мекунӣ? – пурсид деҳқон.

— Агар чана набошад, вақти пир шуданат туро ба чӣ бор карда ба беша бурда мепартоям?

Деҳқон ин суханро шунида фикр кард: “Охир, ягон рӯз ман ҳам пир мешавам. Он вақт писарам маро ҳам ба беша бурда мепартояд?” Баъд деҳқон падарашро ба хона баргардонда оварду дар таҳхона пинҳон кард ва ҳар рӯз обу нон медод.

Боре дар ин мамлакат хушксолӣ шуд. Мардум ҳама гурусна буданд. На барои хӯрдан, на барои кишт ғалла мавҷуд набуд. Деҳқон як пораи хурдакаки нонро гирифта ба назди падараш омад. Падар пурсид:

— Чаро ин қадар кам нон овардӣ?

Писараш дар бораи хушксолӣ ва гуруснагӣ нақл кард. Пирамард фикр карду гуфт:

— Аз болои бом гандумпахолро гиру нағзакак афшон ва донаи афтодаро ҷамъ карда кишт кун.

Писар ҳамин корро кард. Соли дигар ҳеҷ кас хӯшае ҳам надошт, вале дар замини он деҳқон ҳосили хуб рӯид.

Ба шоҳ хабар расид, ки як деҳқон кишт карда ҳосили хуб рӯёндааст. Шоҳ фармуд, ки ӯро ба қаср даъват кунанд. Шоҳ пурсид:

— Ту аз куҷо тухмӣ ёфта кишт кардӣ? Охир, дар мамлакат як дона ҳам хӯша намонда буд-ку!

Деҳқон хост, ки воқеаро пинҳон нигоҳ дорад, вале аз ғазаби шоҳ тарсиду ҳақиқатро баён кард. Шоҳ дурудароз фикр карду аз кардааш пушаймон шуд ва фармони худро бекор кард.

# Чӣ тавр ҳайвонот рӯбоҳро муҳокима карданд

Боре шер — шоҳи ҳайвоноти ваҳшӣ — ҳамаи ҳайвонотро ба наздаш ҷеғ зад. Ҳамаи ҳайвонот, ҳам хурду ҳам калон, дар вақти таъиншуда ҳозир шуданд, вале фақат рӯбоҳ наомад. Вай дар беша даву тоз карда хӯрок меҷуст.

Макру фиреби рӯбоҳ ба дили ҳайвонот зад ва онҳо ба шоҳи худашон шикоят карданд. Шер ба хашм омада фармон дод, ки рӯбоҳро биёранд, то ки ӯро муҳокима кунанд.

Аввал барои овардани рӯбоҳ харгӯш рафт. Харгӯш рӯбоҳро дар беша диду гуфт, ки ба назди шер равад. Рӯбоҳ харгӯшро масхара карда хандиду писанд накарда ба роҳаш рафт. Харгӯш шарманда шуда ба назди шоҳ омад ва ин дафъа гурбаи аз ҳама калонро ба назди рӯбоҳ фиристод. Рӯбоҳ дар буттазоре мехобид. Гурба ба ӯ гуфт:

— Чаро ту дар ин ҷо хоб кардию ба назди шоҳ намеравӣ? Шоҳ ва дигар ҳайвонот туро мунтазиранд.

Рӯбоҳ ҳамроҳи гурба рафту дар роҳ гуфт:

— Дар ҳамин наздикӣ як заминдори бой зиндагӣ мекунад, таҳхонаи вай аз ҳасиб пур аст. Биё, мо ҳам равему шикамсерӣ ҳасиб хӯрем.

Гурба ин гапро шуниду оби даҳонаш рафт ва гуфт:

— Ман ҳасибро бисёр дӯст медорам. Биё, равем, он таҳхонаро ба ман нишон деҳ!

Рӯбоҳ гурбаро ба таҳхона бурд ва ба гурба сӯрохии хурдакакеро нишон дод, ки гурба бо як азоб ба он даромад. Гурба ҳарисона он қадар зиёд ҳасиб хӯрд, ки шикамаш варам карду дигар аз он сӯрохӣ баромада натавонист. Рӯбоҳ тозон ба назди соҳиби хона рафту гуфт, ки ба таҳхонаи ӯ дузд даромада ҳамаи

ҳасибашро хӯрд. Соҳиби хона чӯби калонеро бардошта ба таҳхона даромад ва гурбаи дуздро чунон зад, ки он ниммурдаю нимзинда ба назди шоҳ омад.

Шоҳ ин дафъа ба назди рӯбоҳ гургро фиристод. Гург рӯбоҳро дар роҳи ҷангал диду гуфт:

— Ту магар ақлатро хӯрдӣ? Чаро ба назди шоҳ намеравӣ? Агар худи ҳозир наравӣ, туро пора-пора мекунам.

— Ман ҳозир меравам, — гуфт рӯбоҳ ва ҳамроҳи гург ба роҳ даромад.

Онҳо бо ҳам рафтанд – рафтанду баъд рӯбоҳ гуфт:

— Агар гурба ба гапи ман медаромаду ҳасибро аз таҳхона гирифта мебаровард, ҳам худаш калтак намехӯрд, ҳам ман ҳаққамро мегирифтам. Ту аз гурба донотару чолоктар ҳастӣ, биё, аввал рафта хӯрок хӯрем, баъд ба назди шоҳ меравем.

Гург, ки сахт гурусна буд, зуд розӣ шуду пурсид:

— Хӯрок дар куҷост?

— Дар ҳамин наздикӣ, — ҷавоб дод рӯбоҳ, — ман ба ту роҳро нишон медиҳам. Агар хӯҷаин пайдо шавад, ман фарёд мекунам, ту ба як тараф хез зан ва якпаҳлӯ дароз каш, то ки туро набинад. Вагарна туро чӯбкорӣ мекунад.

Рӯбоҳ гургро ба назди чоҳи гургафкан бурду ногоҳ дод зад:

— Хӯҷаин омад!

Гург сахт тарсиду ба канор ҷаст ва ба чоҳ афтод. Рӯбоҳ давон ба назди хӯҷаин рафт ва гуфт, ки гурге ба дом афтодааст. Одамон давида омада гургро аз чоҳ бароварданд ва чунон заданд, ки гург дигар ба назди шер ҳам рафта натавонист. Рӯбоҳ бошад, дар ин вақт мурғобии хӯҷаинро дуздиду гурехта рафт.

Шоҳи ҳайвонот дид, ки аз гург дараке нест, ба ҷустуҷӯи рӯбоҳ ҳайвони зӯртарини ҷангал – хирсро фиристод.

Рӯбоҳ хирсро аз дур диду зуд ба пешвозаш шитобид ва бо ӯ боадабона салом кард. Хирс ба ӯ дод зад:

— Гург дар куҷост?

Рӯбоҳ тамаллуқкорона ҷавоб дод:

— Ман бо гург ба назди шоҳ мерафтам, ки гург гурусна монда барои хӯроккхӯрӣ ба хонаи ҳамсоя даромад ва ман ӯро дигар надидам.

— Биё, ман туро ба назди шоҳ мебарам, — фарёд зад хирс. — Чанд бор туро ҷеғ заданд, вале ту наомадӣ, ҳамин кофист, ки пӯсти туро канем.

Рӯбоҳ дар назди хирс дуқат шудаю таъзим карда ба хушомадгӯӣ даромад.

— Мебахшед, ман гунаҳкор нестам. Харгӯш бисёр аблаҳ буд, бинобар бо ӯ рафтан нахостам. Гурба ба таҳхона даромаду калтак хӯрд, гург тамоман бедарак шуд. Лекин бо шумо ман бо камоли майл ба назди шоҳ меравам.

Онҳо рафтанду рафтанд ва ногаҳон рӯбоҳ ба оҳу нола даромад:

— Ба ту чӣ шуд? — пурсид хирс.

— Шикамам дард мекунад, — гуфт рӯбоҳ.

— Чаро дард мекунад?

— Асалро бисёр хӯрдам, — шикоят кард рӯбоҳ, — барои ҳамин дард мекунад.

Хирс ҳайрон шуда гуфт:

— Аз хӯрдани асал шикам дард намекунад. Агар донӣ, нишон деҳ, ки асал дар куҷост, ман ҳам камтар хӯрам.

— Ана ин ҷост — гуфт рӯбоҳ дарахти кочро нишон дода. — Ба болои дарахт баро, асал ҳамон ҷо.

Хирс ба болои дарахт баромаду ба вайрон кардани хонаи занбӯр сар кард, рӯбоҳ давида рафту ба хӯҷаин хабар дод. Одамон чӯббадасту сагон омада ба хирс дарафтоданд. Хирс базӯр ба беша гурехта ҷон ба саломат бурд. Рӯбоҳ як қози калонро дуздида гурехта рафт.

Ниҳоят, шоҳи ҳайвонот – шер силовсинро барои овардани рӯбоҳ фиристод. Рӯбоҳ силовсинро диду фикр кард, ки чӣ тавр ӯро низ фиреб диҳад, вале силовсин имкони сухан гуфтан надода бошиддат гуфт:

— Хомӯш бош, забони тезу маккории туро ман хуб медонам. Ту маро фиреб дода наметавонӣ. Зуд биё, ба назди шоҳ меравем. Ин дафъа халос хӯрда наметавонӣ — туро ба дор мекашем ва аз пӯстат пӯстин медӯзем.

Рӯбоҳ ба худ мегуфт:

— Ин дафъа рафтан лозим меояд. Шояд ки пеш аз маргам ман аз пӯсти ту пӯстин пӯшам.

Вақте ки силовсин рӯбоҳро назди шер овард, шер наъра зад:

— Чаро ту, нобакор, ба наздам наомадӣ?

Рӯбоҳ хушомадгӯёна ҷавоб дод:

— Аълоҳазрато! Барои он наомадам, ки роҳро намедонистам. Харгӯш бисёр аблаҳ будааст, гурба ба таҳхона даромад, гург ба чоҳ афтод, хирс барои асалхӯрӣ ба дарахт баромад. Силовсин аз ҳама донотар будааст, вай маро бо роҳи дуруст ба назди шумо овард. Ва инак, ман дар хизмати шоҳам ҳастам.

Шер гуфт:

— Ҳамаи ҳайвонот аз ту шикоят мекунанд. Ту ҳамаро аз ҷонашон сер кардӣ, барои ҳамин, туро ба дор мекашем!

Рӯбоҳ ҷавоб дод:

— Агар маро овехтан хоҳед, худамро сафед намекунам, ҳақиқатан, ман гуноҳҳои зиёд кардаам. Харгӯшро масхара кардам, гурбаро ба таҳхона, гургро ба чоҳ, хирсро ба болои дарахт фиристодам. Мурғобию ғози одамонро дуздидам. Фақат афсӯс, ки силовсинро фиреб дода натавонистам.

Ҳайвонҳо рӯбоҳро ба сӯи дор бурданд. Рӯбоҳ бо зинаҳо ба таги дор мерафту бо овози баланд мегуфт:

— Ин гапи муҳимро ба шоҳ гӯям ё нагӯям?!

Инро шер шуниду фармон дод, ки рӯбоҳ аз таги дор ба наздаш ояд ва гапи муҳимашро гӯяд.

Рӯбоҳ ба шоҳ таъзим карду гуфт:

— Маро ҳозир мекушанд, бинобар ин ганҷу сарватамро, ки бо азобу машаққати зиёд ҷамъ овардаам чӣ кор кунам? Беҳтараш ки ҳамаи онҳоро ба шумо медиҳам, аълоҳазратам.

Шер гуфт:

— Хайр, майлаш, ганҷу сарвататро нишон деҳ.

— Онҳо аз ин ҷо дуранд, — ҷавоб дод рӯбоҳ, — ман бисёр хунук хӯрдам, аз сармо меларзам. Агар силовсин пӯстинашро ба ман медод, рафта ҳамаи боигариамро нишон медодам.

Шер фармон дод, ки пӯсти силовсинро канда ба рӯбоҳ диҳанд. Рӯбоҳ пӯстинро пӯшиду ба силовсин гуфт:

— Ин барои он ки дар роҳ туро фиреб дода натавониста будам!

Рӯбоҳ шер ва ҳайвоноти дигарро ба ҷангал бурд. Онҳо дурудароз роҳ паймуданд, рӯбоҳ гарм шуду пӯстинашро кашид ва ба гург дод, ки бардошта равад. Ҳамин тавр, онҳо то торикӣ роҳ рафтанд. Рӯбоҳ, шер ва ҳайвоноти дигарро ба ҷангали анбӯҳ дароварду худаш гурехта рафт.

Баъд аз ин шер ва ҳайвоноти дигар чӣ кор карда метавонистанд? Онҳо ба ҳар тараф пароканда шуда рафтанд. Рӯбоҳ бошад, то ҳол зиндаю саломат аст ва даву тоз карда гаштааст.

## Марди фақир ва зани ӯ

Буд набуд, марди фақире буд. Занаш дар ба дари одамон гашта хизматгорӣ мекард ва ҳардуяшон нимсеру нимгурусна зиндагӣ мекарданд. Ҳатто шиками писари ягонаашонро сер карда наметавонистанд.

Боре зан гуфт:

— Эй мардак, мо ҳеҷ гоҳ аз гирдоби қашшоқию бенавоӣ халос нашудем! Кошки, ту ба шаҳрҳои дигар мерафтию камтар пул кор карда меомадӣ!

Мард ба ҷустуҷӯи кор рафт. Ба як деҳае расиду посбони боғи себ шуд барои худаш кулбачае сохту дар ҳамон ҷо зиндагӣ кард. Як гурбаи бесоҳибе омада дар он кулба ҷой гирифт ва он мард тамоми тобистонро бо гурба гузаронд. Дигар касе набуд, ки бо ӯ ҳатто гап занад.

Тирамоҳ соҳиби боғ ба посбон ба ҷои пул себ доду гусел кард.

Рӯзе аз деҳае мегузашт, ки як тоҷири ҳамдеҳаашро дид. Марди бенаво ба ӯ таъзим карду гуфт:

— Ман як халта себ кор кардам ва як гурба ҳам дорам. Тамоми сарватам ҳамин аст. Аз шумо хоҳиш мекунам, ҳамин себу гурбаро ба занам бурда диҳед.

— Хуб, — гуфт тоҷир, — бурда медиҳам. Вале аввал молҳои худамро ба кишварҳои дигар бурда мефурӯшам.

Тоҷир ба як мамлакате расид, ки ҳама чиз фаровон буд, вале дар он ҷо себ намерӯид. Мардум аз ӯ хоҳиш карданд, ки себро фурӯшад. Тоҷир аввал рад карду баъд розӣ шуд. Себро фурӯхту тангаҳои тиллоиро ба киссааш гузошта, ба роҳ баромад.

Вай ба кишвари дигаре расиду молашро барои фурӯш ба қасри шоҳ овард. Дид, ки дар қасри шоҳ садҳо мушон давутоз доранд ва аз дасти онҳо халосӣ нест. Тоҷир ба шоҳ гуфт:

— Агар ман шуморо аз дасти ин ҷонварони манфур халос кунам, чӣ медиҳед?

— Як халта тилло медиҳам, — гуфт шоҳ.

Тоҷир гурбаи гуруснаро аз халта бароварда сар дод ва гурба тамоми мушҳоро нобуд кард. Шоҳ тиллоро дод ва тоҷир ба сӯи деҳаи худаш равон шуд. Ба деҳа омаду ба зани марди бенаво тиллоҳоро дода гуфт:

— Инро шавҳарат фиристод.

— Вай нагуфт, ки ин сарватро чӣ кор кунам? – пурсид зани ба ҳайрат афтода.

Тоҷир себу гурбаро ба ёд оварда хандид ва гуфт:

— Не, ҳеҷ чиз нагуфт. Ҳар чӣ хоҳӣ, ҳамонро кун.

Зан ба он пул хонаи боҳашамате сохт ва писаращро ба мактаб дод. Понздаҳ сол гузашт. Дар тӯли ин солҳо шавҳари зан фақат се тангаи тилло кор карда тавонисту халос. Бо ҳамон тангаҳо ба сӯи деҳааш раҳсипор гардид. Дар роҳ ба хонаи деҳқоне даромад. Он деҳқон тӯй дошт. Меҳмонон дар сари дастархон нишаста зиёфат мехӯрданд, сӯҳбат мекардаанду механдиданд. Фақат як нафар меҳмон ҳеҷ чиз намехӯрд, бо ҳеҷ кас гап намезад.

— Чаро ин меҳмон гап намезанад? — пурсид мард аз соҳибхона.

— Ҳар сухани вай ба қадри як тангаи тилло аст.

Марди бенаво як тангаи тиллоро аз кисааш бароварду гуфт:

— Ана, як тангаи тилло. Ба ҳамин пул ягон чиз гӯяд.

Меҳмон хомӯш ба марди бенаво нигаристу гуфт:

— То аҷалат нарасад, намемурӣ. Ва аз чуқурӣ натарс.

Марди бенаво боз ҳам ҳайронтар шуду боз як тангаи тиллоро аз кисааш бароварда гуфт:

— Ин тангаи тиллоро бигиру боз ягон чиз бигӯ.

— Беҳтарин ҳамоне аст, ки дӯсташ медорӣ.

— Эҳ, ҳар чи бодо бод, — гуфт марди бенаво. — Ана, ин тангаи охиринамро гиру боз ягон чиз бигӯ.

— Вақте ки атса задӣ, бозисту фикр кун, — гуфт марди хомӯш.

Марди бенаво саҳарии дигар бо кисаи холӣ роҳашро ба сӯи хонааш давом дод. Ба як деҳа расиду дид, ки мардуми зиёд дар назди чоҳ ҷамъ шудааст.

— Бадбахтии азим ба сари мо омадааст, — гуфтанд онҳо. — Оби чоҳамон хушк шудааст. Касе, ки ба даруни чоҳ дарояд барнамегардад. Акнун ҳамаамон аз ташнагӣ мемурем. Канӣ, марди мусофир, ту ба чоҳ даро. Агар об бароварда тавонӣ, ҳамаамон ба ту яктогӣ тангаи тилло медиҳем.

Марди бенаво сухани марди хомӯшро ба ёд оварду гуфт:

— То аҷалам наояд, намемурам. Ва аз чуқурӣ ҳам наметарсам. Ба чоҳ медароям!

Ба чоҳ даромаду обро гирифт ва боло баромаданӣ буд, ки касе аз бари доманаш дошту гуфт:

— Ин ҷо биё.

Нигоҳ карду дид, ки дар қаъри чоҳ косахонаи сари одамон ғарам карда шудаасту назди онҳо зоғ ва қурбоққа нишастаанд. Зоғ гуфт:

— Ба ин ҷо, ки омадӣ, ба саволи мо ҷавоб деҳ. Агар ҷавоб дода натавонӣ, саратро меканам. Ана, ин қурбоққаро мебинӣ? Меарзад, ки ман ӯро ба занӣ гирам?

— Беҳтарин ҳамон аст, ки дӯст медорӣ.

Марди бенаво инро гуфта буд, ки дар пеши чашмаш зоғу қурбоққа ба ҷавону духтари зебо табдил ёфтанд.

— Ту моро аз ҷоду халос кардӣ, — гуфт ҷавон. — барои ин корат мо аз ту миннатдорем. Ана, ин тиллоҳоро бигир.

Марди бенаво (акнун вай бенаво набуд) аз чоҳ баромад. Чоҳ боз пури об шуд, мардуми деҳа ба ӯ пули зиёде доданд.

Он мард ба деҳааш расиду дид, ки дар ҷои кулбааш хонаи боҳашамате истодааст. Атрофи ҳавлӣ боғзор буд. Ба тиреза нигоҳ кард, ки занаш бо ҷавоне суҳбат дорад.

— Аҳа, ҳоло ҳамин тавр? Пас дар набудани ман вай ба ягон одами бой шавҳар кардааст?! Ҳозир ман ба онҳо нишон медиҳам!

Ва кордашро баровarда хост, ки ба онҳо ҳамла кунад. Ҳамин лаҳза сахт атса заду сухани марди хомӯшро ба ёд овард ва фикр кард. Ҳамин асно шунида шуд, ки ҷавон мегӯяд:

— Наначон, чаро аз падарам ҳеҷ хабар нест? Ман ӯро бисёр ёд кардам!

Зан ҷавоб дод:

— Ой, балаҷон, чашми ман ҳам дар роҳи вай чор шуд! Чӣ тавр дилам мехоҳад, ки падарат зудтар баргардаду бинад, ки писараш чӣ қадар калон шудааст!

Мард инро шуниду давида ба хона даромад ва зану фарзандашро ба оғӯш гирифт.

Садҳо шукр мегуфт, ки он вақт тангаҳои тиллоро дареғ надошта суханони оқилонаро шунид.

Ҳамин тавр, он мард бо зану фарзандаш хушбахт гардид, шумо ҳам хушбахт бошед!

# Пирамард ва паланг

Як замоне пиру кампире зиндагӣ мекарданд. Онҳо якчанд гову гӯсфанд доштанд. Гурге ба сғили онҳо одат карда буд. Гоҳе говеро медуздиду гоҳе гӯсфандеро. Боре барои ҳезум ба беша рафт ва дар он ҷо палангеро дид. Паланг гуфт:

— Биё, мӯйсафед, гӯштин мегирем.

Пирамард дасту по хӯрд. "Паланг маро мехӯрад" — фикр кард ӯ ва гуфт:

— Майлаш, гӯштин мегирем. Вале имрӯз не.

— Кай ва дар куҷо?

— Пагоҳ дар ҳамин ҷо, — ҷавоб дод мӯйсафед ва ба хонааш рафт.

— Чӣ кор кунам? — пурсид вай аз кампираш.

— Ба ҷангал рав. Бехи дарахти калонро бурида мон, — гуфт кампир.

Пирамард ҳамин тавр кард. Рӯзи дигар ба назди паланг омаду гуфт:

— Канӣ, бинем, кадоме аз мо зӯртар аст. Ҳозир ман дарахтро меғалтонам, баъд ту ғалтон.

Пирамард дарахти то нисф буридаро бо китфаш тела дод, ки он афтид. Паланг зӯри бисёр зад, вале ягон дарахтро афтонда натавонист.

— Эҳ, ҳайфи ту, ки аз ӯҳдаи ҳамин кори осон ҳам баромада наметавонӣ, – гуфт пирамард.

Паланг гумон кард, ки пирамард бисёр пурзӯр аст ва ба ӯ гуфт:

— Ин дафъа ту буридӣ. Биё, пагоҳ боз як бор қувваозмоӣ мекунем. Одамон мегӯянд, зӯр он касест, ки оби сангро баровара тавонад.

Пирамард ба назди кампираш баргашту пурсид:

— Акнун чӣ кор кунам?

Кампир андаке фикр карду ба шавҳараш панир дод ва гуфт:

— Инро ба сӯрохии санг гузор.

Пирамард чунин кард.

Субҳ паланг мӯйсафедро мунтазир буд. Мӯйсафед каме сангро фишор доду гуфт:

— Ана, паланг, нигоҳ кун, оби санг баромад.

Паланг зӯр зад, зӯр заду лекин оби сангро баровара натавонист.

“Ин пир чӣ қадар зӯр будааст” — фикр кард паланг ва тарсиду ӯро ба меҳмонӣ даъват кард.

Пирамард аз тарс ларзида – ларзида даъватро пазируфт. Паланг пирамардро зиёфат кард ва баъд гуфт:

— Биё, акнун хоб мекунем.

Пирамард худро ба хоб андохт ва дид, ки паланг шамшерро гирифта аз хона баромад. Пирамарди бечора фаҳмид, ки паланг ӯро бо шамшер зада куштан мехоҳад, бинобар ин дегеро ба сараш пӯшид. Паланг оҳиста ба назди пирамард омаду бо шамшер ду-се бор ба сари ӯ зад, ки шамшераш шикаст. Паланг тарсиду ларзон-ларзон ба гӯшае рафта нишаст ва қарибии субҳ хобаш бурд. Пагоҳӣ пирамард аз хоб хесту дегро ба ҷояш бурда монд.

Вақте ки паланг аз хобаш бедор шуд, пирамард сарашро хорида-хорида ба ӯ гуфт:

— Вақте ки хоб будам, ба назарам, касе сарамро оҳиста-оҳиста молид.

Паланг гуфт:

— Ман хостам, ки туро бо шамшер зада пора-пора кунам, вале натавонистам. Ту бисёр ҷонсахт будаӣ! Биё, ҳамроҳ чой менӯшем, ту рафта об биёр.

Пирамард кӯзаи калони вазнинро базӯр бардошта бо азоб ба назди чоҳ бурд.

“Ин кӯзаи холиро базӯр то ин ҷо овардам, агар онро аз об пур кунам, аз ҷояш ҷунбонда ҳам наметавонам”.

“Акнун чӣ кор кунам?” — фикр кард мӯйсафед ва замини атрофи чоҳро ба кофтан сар кард.

Мунтазирӣ ба дили паланг зад.

— Дар он ҷо чӣ кор мекунӣ? – фарёд зад паланг.

— Қатра – қатра об накашонда беҳтараш, чоҳро кофта мегираму ба пешат мебарам.

Паланг тарсид, ки бе чоҳ мемонад, бинобар ин худаш зуд рафту кӯзаро аз об пур карда овард.

Мӯйсафед хост, ки ба хонааш равад.

Паланг як мушт тиллоро ба пирамард ҳадя дод.

Пирамард гуфт:

— Аз ту хоҳиш мекунам, — паланг, ин тиллоро то хонаам бурда деҳ.

Паланг маҷбур шуд, ки бо пирамард равад.

Кампир хурсанд шуду аз мӯйсафед пурсид:

— Ба ту чӣ хӯрок пазам?

Дар ин асно паланг баргашта мерафт. Пирамард фарёд зад:

— Палангро дор, онро кушта мехӯрем.

Паланг ин гапро шуниду тарсидаю ларзида гурехта рафт. Дар роҳ ба вай гург дучор омад.

— Ту ин қадар саросема ба куҷо меравӣ? – пурсид гург аз паланг.

— Дар ин наздикӣ як мӯйсафеди даҳшатнок зиндагӣ мекунад. Вай бо кампираш маро кушта хӯрдан мехоҳад.

— Эй, паланг ту аз онҳо натарс. Ман ҳар рӯз чорвои онҳоро медуздам. Биё, ҳамроҳ ба назди онҳо меравем.

— Ман намеравам, — гуфт паланг. — Ман метарсам.

— Агар ту он қадар тарсончак бошӣ, биё, бо камарбанд ҳар дуямонро мебандем ва ҳардуямон паҳлӯ ба паҳлӯ меравем.

Мӯйсафед онҳоро диду хурсандона гуфт:

— Ҳа, гург, қарзатро овардӣ? Офарин! Ту кайҳо ба ман ваъда карда будӣ, ки палангро дастгир карда ба ман оварда медиҳӣ.

Паланг ин суханро шуниду гургро аз пасаш кашолакунон гурехта рафт. Дигар онҳо ҳеҷ гоҳ ба авул наздик наомаданд.

Ҳамин тавр мӯйсафед аз душманони даррандаи худ халос шуд.

## ЧИЛ ДУРУҒ

Буд набуд, замоне як одами сарватманде буд ва ӯ яккаву ягона писаре дошт. Вай бисёр мехост, ки шоҳдухтарро ба писараш келин кунад.

— Ман духтарамро ба касе медиҳам, ки аз дев ҳунар омӯхта бошад, — гуфт шоҳ.

Одами сарватманд писарашро ба назди дев бурд.

— Ассалому алейкум, дев-оға.

— Ваалайкум ассалом, — ҷавоб дод дев. — Офарин ба ту. Бисёр хуб, ки боадабона салом додӣ, вагарна туро мехӯрдам. Бигӯ, аз ман ту чӣ мехоҳӣ?

— Писарамро ба шогирдӣ қабул кун. Ба ӯ ҳунари худатро биомӯз.

Дев гуфт:

— Писаратро ба ин сандуқ андохта маҳкам мекунам. Чил рӯз дар ҳамон ҷо шинад. Агар мурад, азони ман мешавад, агар зинда монад, азони ту.

— Хеле хуб, — гуфт сарватманд ва писарашро дар сандуқ андохта рафт.

Он дев як духтар дошт, ки вай дар сеҳру ҷоду аз худи дев ҳам моҳиртар буд. Вақте ки дев ба шикор рафт, он духтар ҷавонро аз сандуқ баровард ва шиками ӯро сер карду пурсид:

— Фаҳмидӣ?

— Не, нафаҳмидам, — ҷавоб дод ҷавон.

Духтар ӯро боз ба сандуқ андохту гуфт:

— Ҳамин ҷо бишин.

Рӯзи дигар вақте ки боз дев ба шикор рафт, духтар ҷавонро аз сандуқ бароварду шикамашро сер карду пурсид:

— Фаҳмидӣ?

— Не, нафаҳмидам, — ҷавоб дод писар.

Духтар ӯро боз ба сандуқ андохту гуфт:

— Ҳамин ҷо бишин.

Рӯзи дигар вақте ки боз дев ба шикор рафт, духтар ҷавонро аз сандуқ бароварду обу хӯрок доду пурсид:

— Фаҳмидӣ?

Ҷавон ҷавоб дод:

— Фаҳмидам.

— Агар фаҳмида бошӣ, ба сандуқ даро ва ҳамон ҷо бишин, - гуфт девдухтар ва сандуқро маҳкам кард.

Ҳамин тавр, то рӯзи охирин духтари дев писари сарватмандро аз сандуқ баровара обу хӯрок дод. Рӯзи чилум мисли ҳаррӯза ӯро аз сандуқ бароварду ба дасташ як хӯша ангур дод ва гуфт:

Пагоҳ падарам меояд. Ва агар падари ман пурсад, ки ту чӣ тавр зинда мондӣ, ба вай хӯшаи ангурро бидеҳ ва бигӯ: "Ҳар рӯз аз осмон ба дасти ман ҳамин гуна ангур меафтод ва ман онро мехӯрдам".

Падари ҷавонписар ва дев омаданд. Дев сандуқро кушоду дид, ки ҷавон зинда аст.

— Ту чӣ тавр зинда мондӣ? — бо ғазаб пурсид дев.

— Ҳар рӯз аз осмон ба дастам як хӯша ангур меафтод ва ман онро мехӯрдам. Ва имрӯз ин хӯшаро нигоҳ доштам, то ки ба шумо нишон диҳам.

Дев падару писарро ҷавоб дод.

Онҳо рафтанду рафтанд ва дар маконе ҷавон аз падараш ақиб монд.

Баъд ба гӯсфанд табдил ёфту ба назди падараш омад. Падар хост, ки гӯсфандро дошта гирад, вале натавонист. Он вақт ҷавон боз ба одам мубаддал шуду ба назди падараш омад. Онҳо боз каме роҳ рафтанду ҷавон ақиб монд ва ба асп табдил ёфт. Падар хост, ки аспро дорад, вале натавонист. Он вақт ҷавон боз ба одам табдил ёфт. Онҳо рафтанду рафтанд ва аз дашт ҳам гузаштанд, ҷавон каме ақиб монду ба шутури наъразан табдил ёфт ва аз паси падараш давид. Падар тарсону ҳаросон гурехта ба чуқурие афтод. Он вақт ҷавон боз ба инсон табдил ёфту ба назди чуқурӣ омада сари зону нишаст ва пурсид:

— Падар, дар ин ҷо чӣ кор мекунед?

— Туро мунтазир ҳастам.

— Агар маро мунтазир бошед, беҳтар нест, ки ба берун бароед? Магар шумо аз ягон чиз тарсидед?

Ва падар, ки аз ҳақиқати ҳол бехабар буд, ҳамаи воқеаро нақл кард.

— Падар, ҳам гӯсфанду ҳам аспу ҳам шутур ман будам. Ин ҳунари афсунгариро аз дев омӯхтам. Фардо ман гӯсфанд мешавам. Баъд маро ба бозор бурда фурӯшед, вале зинҳор, аз сад туман камтар нафурӯшед ва ресмони гарданамро худатон кушода гиред.

Рӯзи дигар падар писарашро, ки ба гӯсфанд табдил ёфта буд, ба бозор бурда ба сад туман фурӯхт ва ресмонро бо худаш бурд. Харидор гӯсфандро ба майдони бозор бурд, то ки бо гӯсфанди дигар ҷанг андозад. Баъд аз се-чор давр ҷангидан, ҷавон гурехту ба назди падараш омад ва гуфт:

— Фардо ман аспи зебое мешавам. Маро ба бозор бурда ба сад туман фурӯшед ва лаҷомамро кушода гирифта баред.

Падар ӯро ба бозор бурду ба сад туман фурӯхт. Асп каме давиду савораро аз пушташ партофт ва боз ба одам табдил ёфт. Баъд ба назди падараш омаду гуфт:

— Фардо ман ба шутур табдил меёбам. Маро ба бозор бурда ба сад туман фурӯшед.

Вақте ки падар шутурро ба бозор мебурд, дар роҳ дев вохӯрд. Девро диду ҷавон ба шутури пири фартут табдил ёфт. Дев шутури пирро ба хонааш оварду куштан хост. Вале духтари дев кордро пинҳон кард. Дев фарёд зад:

— Духтарам, кордро биёр!

Духтари дев ин тараф он тарафро кофту гуфт:

— Падар, корд нест!

— Хайр, биё, ба ин шутур нигоҳ кун, худам рафта мебиёрам.

Вақте ки дев рафт, духтари дев ресмонашро кушоду шутурро раҳо кард. Шутур, ки дуртар гурехта рафт, духтар фарёд кард:

— Падар, шутур ресмонашро кушода карда гурехт!

Дев аз паси он ҷавон давид ва қариб ӯро дошта буд, ки ҷавон паррандае шуду парид ва рафта ба сари шоҳ нишаст. Дев ба назди шоҳ омаду гуфт:

— Ин паррандаро ба ман бидеҳ!

— Не, — гуфт шоҳ, — ин паррандаро, ки бо хости худо ба сари ман омада нишаст, ба ҳеҷ кас намедиҳам.

Дев ноумед шуда рафт. Парранда аз сари шоҳ парида фаромаду ҷавони зебое шуд ва гуфт:

— Шоҳо, — шумо гуфта будед: "Духтарамро ба касе медиҳам, ки аз дев ҳунари афсунгарӣ омӯзад". Дидед, ки ман афсунгариро хуб омӯхтаам. Акнун духтаратонро ба ман диҳед.

— Ман духтарамро ба ҳамон касе медиҳам, ки чил дурӯғ бофад.

— Хайр, майлаш, — гуфт ҷавон ва ба дурӯғбофӣ сар кард:

Замоне, ки падару модарам ҳоло ба дунё наомада буданд, вақте ки ман ҳоло таваллуд нашуда будам, тағоям байтал дошт. Ман онро мечарондам. Як рӯз бинам, ки байтал тойча зойидааст. Ман ба байтал савор шудаму тойчаро болои зонуям гирифтам. Байтал бардошта натавонист. Он вақт ман ба тойча

савор шуда байталро ба болои зонуҳоям гирифтаму тойчасавор рафтам. Вақте ки ман таваллуд шудам, ягона писари модарам будам. Мо яке паси дигар мемурдем ва ниҳоят се нафар мондем: яке кӯр буд, дигаре шал ва севвумӣ тамоман луч. Боре мо секаса ба шикор рафтем. Дар зери дарахти носабзида харгӯши зоиданашудаþо дидем. Кӯр онро дид, шал кушт, луч ба даруни остинаш гирифт ва мо аз шикор баргаштем. Гӯшташ шаст батман, равғанаш ҳафтод батман баромад. Дар як ҷо дег ёфтем, дар ҷои дигар ним дег. Гӯшти харгӯшро ба деги бутун андохтем, ки нағунҷид, ба ними дег андохтем – нағунҷид. Он вақт шаст батман гӯштро ба даҳонам андохтаму фурӯ бурдам. Ҳафтод батман равғани харгӯшро гирифтам, то ки мӯзаҳоямро равған кунам. Вале фақат ба як пои мӯзаам расид. Мӯзаро ба болои сарам гузоштаму хобидам. Нисфи шаб садои мағалу ҷанҷолро шунидам. Хестаму бинам, ки ду мӯза бо ҳам меҷанганд. Як мушт мӯзаи равғанкардаамро задам. Як шаппотӣ мӯзаи беравғанро задам ва рафта хоб кардам. Пагоҳӣ хестаму бинам, ки мӯзаи беравған хафа шуда гурехта рафтааст. Ба болои теппаи дигар баромада нигоҳ кардам, вале мӯзаро дар ҳеҷ ҷой надидам. Очаи бечораам ба ман як сӯзани бесӯрох дод. Сӯзанро ба замин хастаму болояш баромада нигоҳ кардам, мӯзаро дар он тарафи дунё дидам, ки кишт мекард. Зуд ба наздаш рафтам. Мӯза як тарбузро бурида як пораашро ба ман дод. Аз он як баҳр пайдо шуд. Кордам ба баҳр даромад. Ман ҳам даромадам. Дар қаъри баҳр мӯйеро дидам. Дар даруни мӯй...

Дар ин асно шоҳ сухани ҷавонро бурида гуфт:

— Охир, ин ҳама гапҳоят дурӯғ аст!

— Агар дурӯғ бошад, пас духтаратро ба ман бидеҳ, — гуфт ҷавон.

Шоҳ духтарашро ба он ҷавон тӯй карда ба занӣ дод.

## НЕКДИЛ

Дар як деҳае писараке зиндагӣ мекард. Падару модари ӯ аз тамошои писарашон сер нашуда, аз ин дунё рафтанд. Писарак маҷбур буд, ки бори зиндагиашро худаш кашад. Вай аз моли дунё як аспи фартут дошту як аробаи кӯҳнаи фарсуда. Боре писарак хост, ки ба шаҳр ҳезум бурда фурӯшад. Ҳезумро ба ароба бор карду ба шаҳр рафт. Ҳезумро дар бозор фурӯхту роҳи деҳаро пеш гирифт. Дар он роҳ ду нафар мӯйсафед мерафтанд. Онҳо он қадар хаставу абгор буданд, ки аз зери бағали ҳамдигар гирифта, ба якдигар такя карда базӯр-базӯр мерафтанд. Аз назди онҳо фойтуни дуаспае гузашт. Дар фойтун хоҷа бо хонумаш менишаст.

Пирамардон аз онҳо хоҳиш карданд:

— Одамони нек, моро ба фойтун савор кунед!

— Пиёда ҳам меравед, поятон намешиканад! — гуфт хоҷа.

Пас аз онҳо боз як фойтуни дигар омад. Дар он бойбачаҳо менишастанд.

Пирамардон боз илтиҷо карданд.

— Ҷавонони хуб, як кори хайр кунед, моро ба фойтун савор кунед, аз шумо бисёр миннатдор мешавем!

— Миннатдории шумо ба мо чӣ даркор? — хандида гуфтанд бойбачаҳо. — Аз миннатдорӣ пӯстин дӯхта намешавад!

Пирамардон пиёда роҳашонро идома доданд.

Дар ин ҳангом он ҷавони камбағал бо аробаи кӯҳнаю фарсудааш расида омад.

— Биёед, ба аробаи ман савор шавед, — гуфт ҷавони бенаво. — Шуморо ба хонаатон бурда мемонам.

— Эҳ, ҷавон, ту чӣ тавр моро ба хонаамон мебарӣ?! Аспат базӯр нафас мекашад, ба чор пояш пешпо мехӯрад.

Ҷавон аз раъяш нагашта гуфт:

— Савор шавед, ягон илоҷ карда шуморо ба хонаатон мерасонам. Охир, шумо аз ҳезуми ба бозор бурдаам вазнинтар нестед-ку! Ҳеҷ кас моро таъқиб намекунад, ба ҳеҷ ҷо шитоб ҳам надорем, бо ҳам оҳиста-оҳиста меравему аз ину он сӯҳбат мекунем, вақт ҳам ноаён мегузарад.

Мӯйсафедон баҳс накардандy розӣ шуданд, чунки маълум буд, ки писарак аз тахти дил мегӯяд. Онҳо ба ароба савор шуданд.

Дар роҳ аз зисту зиндагӣ ва рӯзгори ҷавон пурсиданд.

— Ту, ҷавон, зан дорӣ?

— Зан мегирифтам, вале кадом духтар мехоҳад, ки зани ман шавад?

— Ту чӣ бадӣ дорӣ?

— Бадӣ надорам, вале онеро, ки насибу тақдирам бошад вонахӯрдаам.

— Эҳ, писарам, онеро, ки насиби ту аст, имрӯз ба шавҳар медиҳанд. Аспатро давон, зудтар равему тӯятро гузаронем.

Ҷавон гумон кард, ки пирамардон шӯхӣ мекунанд, бинобар ин ӯ ҳам ба шӯхӣ мегӯяд:

— Ин аспи фартутро чӣ давонаму чӣ надавонам, аздусар ба тӯи худам дер мемонам. Маълум, ки зан гирифтан насиби ман набудааст!

Ҷавон намедонист, ки он пирамардон одамони оддӣ набуда, балки афсунгароне буданд, ки роҳ мепаймоянд ва мардуми некро мукофот медиҳанду бадро ҷазо.

— Ғам нахӯр, ҷавон, — гуфтанд онҳо, тӯи ту ҳам баргузор мешавад.

Пирамардон инро гуфта буданд, ки ногаҳон аспи фартут ба дав даромад. Роҳ дароз буду ба он тарафи дарё мерасид.

Онҳо ба ҳавлии бошукӯҳе расиданд. Он ҷо тӯйхона буд. Меҳмонон лак-лак буданд.

Ҷавон бо ҳамроҳии пирамардон сӯйи тӯйхона рафт. Соҳиби тӯй онҳоро диду пеши роҳашонро гирифт.

— Шумо дар ин ҷо чӣ кор мекунед? — Равед аз ин ҷо!

Соҳиби тӯй ҳамон хоҷаи фойтунсавор буд.

— Ба тӯй омадем, — гуфтанд мӯйсафедон.

— Ин тӯй, — гуфт хоҷа, — барои шумо барин пойлучони гурусна нест. Равед аз ин ҷо!

Пирамардону ҷавон маҷбур шуданд, ки аз тӯйхона баромада раванд.

Каме роҳ рафтанду дар назди чоҳе истоданд. Аспро ба чаманзор сар доданд, худашон барои дамгирӣ нишастанд. Баъд аз чанд лаҳза ду мӯйсафеди бенаво ба ду пирамарди босалобату шукӯҳ ва писараки камбағал ба ҷавони зебои хушлибос табдил ёфтанд.

Онҳо ба фойтуни шоҳона савор шуда, боз ба тӯйхона омаданд. Соҳиби тӯй аз дур фойтуни пурнақшу нигорро дида ба пешвозашон давида баромад ва то замин таъзим карду гуфт:

— Хуш омадед, меҳмонони азиз. Ман аз дидори шумо хушбахт шудам. Ба тӯйи духтарам хуш омадед!

Хоҷа меҳмонони олиқадрро ба боло шинонд.

Баъд аз чанд лаҳза яке аз мӯйсафедон гуфт:

— Тӯи шумо пурнозу неъмат аст. Арӯс ҳам хушрӯю домод дилҷӯст. Вале оё онҳо ба ҳамдигар мувофиқанд? Инро чӣ тавр фаҳмем? Замонҳои пеш инро фаҳмида метавонистанд. Аз қадим мардуми мо чунин одат доранд: ҳангоми зиёфати тӯй меҳмонон табақи худро чаппа мекунанд ва баъд ҳама якбора мебардоранд. Агар арӯсу домод ба ҳам мувофиқ бошанду ҳамдигарро дӯст доранд, дар зери табақи онҳо ҳам хӯшаи гандум пайдо мешавад. биёед, мо ҳам ҳамин корро мекунем.

Вақте ки меҳмонон табақчаҳои худро бардоштанд, диданд, ки як хӯшаи ангур дар зери табақи арӯс асту хӯшаи дигар дар зери табақи ҷавони аробакаш.

— Ана акнун фаҳмидем, ки домоди мувофиқи дилҷӯйи кист!

Хоҷа аз таассуф лаб мегазиду арӯс аз хурсандӣ мешукуфт.

Домод маҷбур шуд ки аз тӯйи худаш хеста баромада равад. Ҷавони аробакаш ба ҷои ӯ дар паҳлӯи арӯс нишаст.

Ва тӯю тамошо авҷ гирифт.

Ҳар кор оғозу анҷом дорад. Баъд аз чанде тӯй ҳам ба охир расид. Арӯсу домод бо падару модар ва хешу табор хайру хуш карда, роҳи хонаи домодро пеш гирифтанд. Пирамардон низ бо онҳо рафтанд.

Онҳо боз дар назди ҳамон чоҳ истоданд. Ва ҳама чиз мисли пештара шуд, на фойтун монду на аспони тезпо. Домод боз ба аробакаши бенаво ва мӯйсафедон ба оворагони гадо табдил ёфтанд.

— Канӣ духтари зебо, — пурсиданд мӯйсафедон аз арӯс, — ба худат чунин шавҳар мехоҳӣ? Аз зани ҷавони бенаво шудан наметарсӣ?

— Наметарсам, — ҷавоб дод арӯс. — Боёнро бисёр дидаам, азобашонро ҳам кашидаам, аз онҳо як гапи хуш нашунидаам. Вале ин ҷавон ҳам меҳрубони зиндадил аст.

— Ту ҷавон, барои зиндагии нав чӣ мехоҳӣ? Шарм надор, ҳар чи хоҳӣ, хоҳиш кун!

— Ба ман кор лозим аст, то ки ҳам шиками занамро сер кунаму ҳам ба мардум хизмат кунам.

— Хоҳишат иҷро мешавад, — гуфтанд мӯйсафедон. — ба соҳили дарё бирав. Дар он ҷо хонаи холӣ ва қаиқи кӯҳнаеро мебинӣ. Бо ҳамон одамонро аз соҳил ба соҳили дигар кашон.

Зану шавҳар бо мӯйсафедон хайрухуш карданд ва савори ароба роҳашонро идома доданд.

Онҳо ба соҳили дарё расида, хонаю қаиқро диданд. Ба хона даромаданд, ки ҳама ҷо тозаю озода, дар оташдон оташ фурӯзон, хӯрок тайёр.

Аз ҳамон рӯз инҷониб ҷавон одамонро аз як соҳил ба соҳили дигар мекашонад, шабу рӯз ба мардум хизмат мекунад.

Ҳама аз ӯ миннатдоранд, ба ӯ саломатию хушбахтӣ орзу мекунанд.

## Деҳқон ва се ҷаноб

Деҳқон дар деҳа зиндагӣ мекард, шоҳ дар пойтахт. Деҳа аз пойтахт дур буд ва шоҳ дар бораи деҳқон ҳеҷ чиз намедонист, вале деҳқон дар бораи шоҳ бисёр чизҳоро медонист. Деҳқон медонист, ки шоҳ дар қасри бошукӯҳ зиндагӣ мекунад, беҳтарин хӯрокҳоро дар зарфи тилло мехӯрад, навкару хизматгору сарбозони зиёде дорад, ҳама, аз ҷумла вазиронаш аз ӯ метарсанд. "Шоҳи мо бисёр бадҳайбату паҳлавонҷусса будагист — фикр мекард деҳқон, — агар ин тавр набошад пас, чаро одамон аз ӯ метарсанд?! Хулоса — деҳқон хост, ки ба қаср раваду шоҳро бо чашмони худ бинад".

Деҳқон ба занаш гуфт:

— Марианна, ман мехоҳам, ки ба пойтахт раваму шоҳро бинам, ту чӣ мегӯӣ?

— Мегӯям, ки ту аблаҳ ҳастӣ ва ба ту роҳпулӣ намедиҳам. Мо ҳамагӣ се риёл пул дорем ва барои зимистон ҳам ҳеҷ чиз нахаридем. Рӯзи шоҳ бе ту ҳам мегузарад.

Деҳқон маҷбур шуд, ки ба маккорӣ даст занад. Рӯзи дигар ба занаш гуфт:

— Азизакам, дандонам сахт дард мекунад. Ба назди сартарош меравам, то ки дандонамро канад. Зан бовар карду ба шавҳараш дилаш сӯхт ва гуфт:

— Ин тавр бошад, зуд рав, чаро истодаӣ?

— Охир сартарош дар пойтахт аст.

— Дар пойтахт?

Шавҳараш худро ба замин партофту оҳу нола сар кард:

— Оҳ, мемурам. Оҳ, сахт дард мекунад.

Зан тарсиду гуфт:

— Ана ин се риёлро гиру зуд рафта дандонатро кан ва тез баргард.

Деҳқон пулро гирифту рафт, дар роҳ шодӣ мекарду суруд мехонд. Вале мо медонем, ки аз деҳа то пойтахт роҳ хеле дур аст. Деҳқон се рӯз роҳ рафту қариб ҳамаи пулашро тамом кард ва дар дасташ ним риёл боқӣ монд.

Ба пойтахт омаду дид, ки шаҳр пур аз одам аст, мардум ғавғою ҷанҷол мекарданд, ҳама давутоз доштанд.

— Ин ҷо чӣ гап аст? – пурсид деҳқон.

— Шоҳ аз калисо мебарояд.

Деҳқон наздиктар рафту дид, ки аз дарвоза дарбориёну вазирону мушовирон ва худи шоҳ баромаданд.

— Зинда бод шоҳ! – фарёд заданд одамон.

Вале деҳқон бо таассуф гуфт:

— О, ин чӣ хел шоҳ будааст! Қаду қоматашро бинед! Тамоман бузургҷусса набудааст. Сар то пояш тилло: дар гарданаш тилло, дар сари синааш тилло, дар китфу кулоҳу остинаш тилло. Вале қадаш баробари ҳама! Агар инро медонистам, се рӯз азоб кашида то пойтахт намеомадам.

Деҳқон гурусна монду ба бозор рафт. Кисаашро кофту ғайр аз ним риёл дигар чизе наёфт. Аз гуруснагӣ дандонаш ба дард даромад.

Самбӯсафурӯш дод зада самбӯсаҳояшро таъриф мекард. Аз дидани ин самбӯсаҳо оби даҳони деҳқон рафт, чашмонаш дурахшиданд. «Ман ҳеҷ гоҳ чунин самбӯсаро нахӯрдаам. Ба ҳамаи пулам мехаридам, вале наметавонам, чунки дандонам дард мекунад. Агар ҳеҷ чиз нахӯрам аз по меафтаму боз ҳам ба хона намерасам”.

Ҳамин тавр, деҳқон фикр мекарду ба самбӯсаҳои хушмазза менигараист ва пай набурд, ки се ҷавони олуфта ба наздаш омаданд. Онҳо либоси хушдӯхти пурқимат дар тан доштанд. Диданд, ки деҳотие бо ҳавас ба самбӯса нигоҳ мекунад ва хостанд, ки ӯро масхара кунанд.

— Ҳой, деҳотӣ! Ба як шишт чанд самбӯса хӯрда метавонӣ?

— Садтаашро мехӯрам, — ҷавоб дод деҳқон.

— Бовар намекунем. Садтаашро хӯрда наметавонӣ, — гуфтанд ҷанобон.

— Метавонам. Агар бовар накунед, биёед, шарт мебандем. Агар ман садто самбӯсаро хӯрда натавонам, бигузор, сартарош ҳамин дандонамро канда партояд.

Ҷанобон гуфтанд:

— Мо розӣ. Сар кун. Ту аблаҳ, дандонатро бой медиҳӣ!

Мардум ҷамъ шуда самбӯсахӯрии деҳқонро тамошо мекарданд.

Деҳқон бисту панҷ дона самбӯсаи калон-калони сергӯштро хӯрду сер шуд ва гуфт:

— Мебахшед, ҷанобон. Ман дигар хӯрда наметавонам. Сер шудам.

Ҷанобон хурсандона гуфтанд:

— Бой додӣ! Зуд сартарошро ҷеғ занед!

Сартарош анбӯрашро бардошта омад. Деҳқон гӯё бо дили ноҳоҳам даҳонашро кушод ва дандони дардманди ӯро канда партофт. Ҷанобон пули самбӯсаро доданд, ба сартарош ҳам ҳақашро доданд ва ба одамон гуфтанд:

— Дидед, ин аблаҳро? Барои чанд самбӯса шуда аз дандонаш маҳрум шуд!

Деҳқон дар ҷавоб гуфт:

— Не, ман аблаҳ нестам. Шояд худи шумо аблаҳ бошед, ҷанобони мӯҳтарам!

— Ту чӣ тавр ҷуръат мекунӣ?

— Шумо пули самбӯсаро додед?

— Додем!

— Пули сартарошро додед?

— Додем!

— Ана, ташаккур ба шумо. Дандонам сахт дард мекард. Акнун бо кӯмаки шумо ҳам сер ҳастаму ҳам сиҳат. Шумо маро аз ду нохушӣ халос кардед.

Деҳқон инро гуфту ба роҳи худ равон шуд. Ҷанобон ҳам шармсор шуда аз

бозор баромада рафтанд. Аз пасашон садои хандаи масхараомез ба гӯш мерасид.

# ПИСАРАК БЕБЕЛЕ

Буд – набуд, пирамарде буд. Вай бо кампираш зиндагӣ мекард. Онҳо солҳои зиёд бо ҳам зистанд, вале фарзанд надоштанд ва аз ин ҳол доимо ғаму ғусса мехӯрданд.

Рӯзе пирамард ба саҳро рафт ва пиразан дар хона монду машғули хӯрокпазӣ шуд. Кампир, ки барои шӯрбо лӯбиё тоза мекард, як дона лӯбиёро гирифту гуфт:

— Эҳ, кошки ман ҳам писаре медоштам. Баробари ҳамин лӯбиё ҳам бошад майлаш!

Пиразан ин суханонро гуфта буд, ки ногаҳон донаи лӯбиё дасту пою сар бароварду бо овози маҳин гуфт:

— Ман писарак Бебеле (лӯбиё) ҳастам ва писари шумо мешавам.

Кампир шоду хурсанд шуду ба писарак куртаю шалвори хурдакак дӯхта дод. Баъд дар ангуштпона шавла пухту шиками писаракро сер кард ва баъд барои пирамардаш хӯрок тайёр кард.

— Ту ба куҷо меравӣ? — пурсид писарак аз кампир.

— Ба падарат хӯрок мебарам.

— Ман худам мебарам,— гуфт Бебеле.

— Охир, ту чӣ хел мебарӣ? Ту бисёр хурд ҳастӣ!

— Ҳеҷ гап не, мебарам.

Пиразан ба табақча як пора моҳӣ гузошту онро ба дастархон печонд ва ба Бебеле дод. Писарак хӯрокро бардошта давида рафт. Дар роҳ як гадои пирро дид ва пурсид:

— Бобо, ту чаро ғамгинӣ?

— Эҳ, Бебеле, ман ду рӯз боз ҳеҷ чиз нахӯрдаам ва сахт гуруснаам.

Писарак хӯроки падарашро ба гадо доду гуфт:

— Ин моҳии хушмаззаро бихӯр.

Ва гадои пир тамоми моҳиро хӯрда, фақат устухонашро боқӣ гузошт. Бебеле ба хонааш давид, то ки боз моҳӣ гираду ба падараш барад.

Нохост аз рӯ ба рӯяш ҳафт дузд баромад. Онҳо Бебелеро диданду хурсанд шуданд. Дузди аз ҳама калонтар ва даҳшатноктар Бебелеро аз замин бардошту ба рӯи кафаш ниҳод ва гуфт:

— Эҳе, ин писарак ба дуздии мо ёрӣ медиҳад. Ӯ чунон майдаҳакак будааст, ки ба ҳар сӯрох медароянд.

Баъд дузд аз Бебеле пурсид:

— Ту меҳоҳӣ бо мо дуздӣ кунӣ?

Вале ӯ тарсид, ки "не" гӯяд, бинобар ин "ҳа" гуфт. Сипас, дузд писаракро ба кисааш гузошт ва ҳама роҳашонро давом доданд.

Бебеле писараки ҳушёр буд. Вай сарашро аз кисаи дузд бароварда ба атроф нигоҳ мекард, то фаҳмад, ки ба куҷо мераванд. Вақте ки дуздон аз назди деворе мегузаштанд, Бебеле ҷаҳида аз кисаи дузд фаромад ва ба сӯрохие даромада рафт. Дуздон инро пай набурданд.

Бебеле фикр кард, ки аз бало халос шуд, вале дар ин асно ҳодисаи мудҳише рӯй дод: Бебеле ба охури гов афтод. Гови калони малла аз он охур лаблабӯи реза-реза мехӯрд. Гов Бебелеро якҷоя бо лаблабу фурӯ бурд.

Бегоҳӣ зане омада хост, ки шири гов ҷӯшад. Бебеле аз даруни гов фарёд зад:

— Ҳе, бало занад туро!

Бебеле бо ин нидо говро сарзаниш мекард, ки ӯро фурӯ бурд, вале занак гумон кард, ки ӯро танбеҳ медиҳанд. Зан тарсида сатилро аз дасташ афтонд ва аз оғил гурехта рафт. Ба назди зани хоҷа омад ва гуфт, ки гов ба ҷӯшидан намемонад ва дашном медиҳад. Зани хоҷа гуфт:

— Худам рафта говро меҷӯшам. Канӣ, бинам, чӣ хел маро дашном медиҳад.

Вале ҳамин ки ба ҷӯшидани гов нишаст, Бебеле боз фарёд зад:

— Ҳе, бало занад туро!

Зани хоҷа низ тарсида гурехта рафт ва шавҳарашро ба оғил фиристод. Гов хоҷаро низ таҳқир кард. Хоҷа тарсиду барои маслиҳат ба назди раввин (рӯҳонӣ) рафт. Раввин гуфт:

— Канӣ, худам рафта бинам, ки ба гови шумо чӣ шудааст.

Раввин чун ба оғил даромад, чунин садо ба гӯшаш расид:

— Ҳе, бало занад туро!

Раввин аз оғил давида бaромаду гуфт:

— Ин гов девона шудааст! Онро ҳатман куштан лозим аст!

Ҳамоно қассобро чеғ заданд ва ӯ говро кушт. Гӯшти говро ба болои ях гузоштанд ва шикамбаашро ба паси хона бурда партофтанд.

Гадои раҳгузаре шикамбаро диду гуфт:

— Эҳе, ман ки барои гӯштхарӣ пул надорам, ҳамин шикамбаро мегираму як хӯроки хушмазза пухта мехӯрам.

Гадо шикамбаро пуштора карда ба хонааш бурд. Бояд гуфт, ки Бебеле як шамшерчаи майдаяк дошт, ки онро аз сӯзан сохта буд. Писарак ҳамон шамшерчаашро ба китфи гадо хастан гирифт. Гадо шикамбаро ба китфи дигараш партофт. Вале Бебеле боз шамшерашро ба китфи гадо ҳаст. Он вақт гадо шикамбаро ба замин гузошту онро пора кард, то бубинад, ки дар дарунаш чӣ ҳаст. Бебеле давида баромада дар назди гадо истод. Гадо Бебелеро шинохту ҳайрон шуд.

— Эҳе-ҳе! – гуфт вай. Дар дунё ҳар кор мешавад. Ана мо боз вохӯрдем, чӣ ёрӣ диҳам, Бебеле?

— Маро ба хонаамон бар!

Гадо Бебелеро ба хона – ба назди пиру кампир бурд.

Онҳо гадоро ба сари дастархон шинонданду шикамашро сер карданд. ва ҳама хурсанд буданд, ки ин саргузашт ба хубӣ анҷом ёфт.

МУНДАРИҶА

Хиради шоҳ Сулаймон (Индонезия) .................................................. 4
Хуми ғарқшуда (Ҳиндустон) ............................................................ 5
Нахўдаки ғелон (Украина) ................................................................ 6
Оё ҳаваси инсон охир дорад? (Шветсия) ........................................ 12
Шоҳ ва мушовиронаш (Португалия) .................................................. 14
Парокандагии говон – компронии палангон (Бирма) ....................... 16
Ганҷи Қирсикбек (Қароқалпоқистон ................................................... 17
Маймуни хандон ва тимсоҳи тездандон (Бирма ............................. 18
Хурмои заҳрнок (Корея) ..................................................................... 18
Духтари бохирад (Қирғизистон) .......................................................... 19
Чўпонписари зирак (Озарбойҷон) ....................................................... 21
Маря Моревна (Россия) ....................................................................... 24
Хонзода ва духтари доно (Ўйғурӣ) ..................................................... 38
Мирҷони нозанин ва султони кишвари зериобӣ (Қазоқистон) .......... 40
Шоҳи ҷомадўз (Гурҷистон) ................................................................. 42
Ҷома моли кист? (Абхазия) ................................................................. 44
Насиҳати падар (Латвия) ..................................................................... 46
Чӣ тавр ҳайвонот рўбоҳро муҳокима карданд (Латвия) ..................... 47
Марди фақир ва зани ў (Арманистон) ................................................. 50
Пирамард ва паланг (Муғулистон) ...................................................... 52
Чил дурўғ (Туркманистон) ................................................................... 54
Некдил ................................................................................................. 57
Деҳқон ва се ҷаноб (Испания) ............................................................. 60
Писарак Бебеле (Исроил) ..................................................................... 62



МАОРИФ ВА ФАРХАНГ